ҲАСАН АСАДУЛЛОЗОДА - БОНУФУЗТАРИН НАМОЯНДАИ БОНКДОРӢ с. 10

ТИҶОРАТИ СУҒД БО ЧИН БА $ 1,5 МИЛЛИАРД МЕРАСАД с. 2

37 МИЛЛИОН ЗАРАР БА БУҶЕТ с. 5



ТОҶИКИСТОН

№ 28 (1692), 15.07.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# ПРЕЗИДЕНТ
## АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР



PRESSA.TJ БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ДАР ИН ШУМОРА:

**ВАЗИРИ МАОРИФ:**
Мактаб ҷойи либосфурӯшӣ нест с.3

**ЧАРХОФАЛАКҲОИ ХАТАРНОК**
Хадамот 150 нуқси техникӣ ошкор кард с.5

**МУНИРА ШАҲИДӢ:**
Ғарб ба фарҳанги Шарқ ниёз дорад! с.6

**ХОВАРИ МИЁНА**
Шикасти оташбаси ИМА ва Эрон с.4

**ХАТНАСУРУ ЗОДРӮЗ**
Омори нақзи Қонуни танзим дар ним сол с.11

**АЗ АШТ ТО ҚОШҒАР**
Рӯзгори сарлашкари тоҷик с.13

**ВАРЗИШ**
Шикаст ва пирӯзии ҷавонони Тоҷикистон с.15

**ПАНҶ ХАТАР,**
ки дар гармои тобистон таҳдид мекунанд с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ТИҶОРАТИ СУҒД БО ЧИН ТО ОХИРИ СОЛ БА $ 1,5 МИЛЛИАРД МЕРАСАД

**Ҳайати вилояти Суғд бо роҳбарии раиси вилоят Раҷаб Аҳмадзода бо мақсади тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба Чин сафар кард.**

Дар доираи ин сафар дар музофоти Шэнси мулоқоти Раҷаб Аҳмадзода бо губернатори музофот Чжао Ган баргузор гардид.

Чжао Ган ҳайати вилояти Суғдро хайрамақдам гуфта, таъкид кард, ки ин боздид дар доираи Созишномаи бародарӣ ва ҳамкорӣ миёни вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музофоти Шэнсии Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат мегирад.

Ӯ изҳори умед кард, ки сафари ҳайати вилояти Суғд барои густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба миёни ду минтақаи бузурги саноативу кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

Зимни мулоқот раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода зикр кард, ки муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон ва Чин дар сатҳи баланд қарор доранд.

Раҷаб Аҳмадзода иттилоъ дод, ки соли 2025 ҳаҷми гардиши мол миёни вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Мардумии Чин беш аз як миллиард долларро ташкил додааст. Аз ин 505 миллион доллар ба содирот ва 564 миллион доллар ба воридот рост меояд.

Дар шаш моҳи соли 2026 ҳаҷми гардиши мол миёни вилояти Суғд ва Чин ба 764 миллион доллар баробар шудааст. Тарафҳо нақша доранд, ки ин нишондиҳандаро то охири сол ба 1,5 миллиард доллар расонанд.



# САФАРИ 1,5 МИЛЛИОН ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН БА ӮЗБЕКИСТОН

**Дар шаш моҳи аввали соли равон ба Ӯзбекистон бо ҳадафи сайёҳӣ 1,5 миллион шаҳрванди Тоҷикистон ворид шудаанд.**

Тибқи маълумоти Кумитаи миллии омори Ӯзбекистон, дар ин давра дар маҷмуъ 6 миллиону 565 ҳазору 410 шаҳрванди хориҷӣ аз ин кишвар боздид кардаанд. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 миллион нафар ё 24,9 дарсад зиёд мебошад. Аз рӯйи теъдоди сайёҳон Тоҷикистон дар миёни кишварҳои пешсаф ҷой гирифтааст.

Бештари меҳмонон аз Қирғизистон - 1,88 миллион нафар, Қазоқистон - 1,56 миллион нафар ва Тоҷикистон - 1,5 миллион нафар будаанд. Ҳамчунин, дар ин давра аз Русия 585 ҳазору 558 нафар, аз Афғонистон 238 ҳазору 925 нафар, аз Чин 223 ҳазору 479 нафар ва аз Туркманистон 164 ҳазору 211 нафар ба Ӯзбекистон сафар кардаанд.

# БИНОИ НАВИ ВАЗОРАТИ АДЛИЯ ИФТИТОҲ ШУД

**14-уми июли соли равон бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт бинои нави Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт.**

“Иншоот аз ду қисм иборат буда, дар бинои 1-ум ҳуҷраҳои кории роҳбарият, воҳидҳои сохторӣ, маркази қабули шаҳрвандон, толорҳои маҷлисӣ, машваратӣ, китобхона, ҳуҷраҳои хизматӣ, компютерӣ, видеоконференсия ва мисли инҳо ҷойгир карда шудааст”,- иттилоъ дод хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Дар бинои нав инфрасохтори зарурӣ барои фаъолияти самараноки кормандони мақомоти адлия муҳайё гардидааст.

Маркази қабули шаҳрвандон, китобхона, бойгонӣ, синфхонаҳои компютерӣ, типография, ҳуҷраҳои видеоконференсия, сервер, ошхона, анборҳо, толори машқ бо таҷҳизоти варзишӣ, ҳуҷраҳои таҷҳизоти зидди сӯхтор аз ҳуҷраҳои техникии вазорат маҳсуб меёбанд.

# САРИ САБЗ



**Носир САИДЗОДА,**
**раиси Кумитаи телевизион ва радио**

**- Коҳиши реклама, бале, баъзе вақт вобаста ба талаботи “Маркази ягонаи реклама” ҳаст, аз рӯйи матну наворҳое, ки пешниҳод мекунанд. Инчунин, вобаста ба танзими забони таблиғот, шумораи наворҳо каму зиёд мешавад, аз рӯйи ин корбарӣ рафта истодааст.**

*- Ҳа, хуб мекунед, корбарӣ намоед ва дигар паҳлуҳои мусбату манфиро дақиқкорона санҷед. Махсусан, дар мавриди гӯё вуҷуд доштани монополия дар бозори реклама ҳам гапу калочаҳо ба гӯш мерасанд.*



**Раънои ЗОИРДУХТ,**
**шоири маҳбуби тоҷик**

**- Садои хуби ҳофизон, ки аз ашъори шоирон оҳангбандӣ шудаву суруда мешавад, дилҳоро ба ваҷд меорад, ба андеша кардан водор месозад, ба кӯйи одамият даъват дораду қалбҳои озурдаро таскин мебахшад. Тамоми сурудҳои сарояндаҳои ҷаҳон аз ашъори шоирон аст.**

*- Хато мекунед, шоир. Бубинед, сарояндаҳое, ки ҳам шоиру ҳам навозанда ва ҳам сарояндаанд, кам нестанд. Вале бо суруду оҳангҳои хасакияшон дилҳои махсусан ҷавононро ба ваҷд меоранд. Ё онҳоро умуман сароянда намешуморед?*



**Тошбой МУҲАББАТОВ,**
**Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Имрӯз дар бисёр таронаҳо мавзуи ишқу муҳаббат ба ҳадде зиёд шудааст, ки гоҳе дигар мавзуҳои муҳим дар канор мемонанд. Албатта, ишқ яке аз зеботарин эҳсосоти инсонӣ аст ва дар адабиёту санъат ҷойгоҳи хоси худро дорад. Аммо...**

*- Вале агар доираи фаҳмишу дарку ҳунари сарояндагони ин қабил таронаҳо ба тараннуми мавзуҳои муҳиму баландпоя нарасад, чӣ илоҷ? Шояд чунин сарояндагон баъди расидани синну солашон ба ҷойе роҳашонро дигар кунанд...*

Вазири маориф:

# МАКТАБ ҶОЙИ ФУРӮШИ ЛИБОС НЕСТ!



**МОҲИ АВГУСТ БОЗОРИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ ГАРМ МЕШАВАД. БАҲСҲО НИЗ АТРОФИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ ДАР ҲАМИН МОҲ ОҒОЗ МЕШАВАНД. ЛИБОСРО АЗ КУҶО БОЯД ХАРИД? ЧАРО НАРХИ ОН БОЛО МЕРАВАДУ НАЗОРАТ НЕСТ? СИФАТИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ БА ТАЛАБОТ ҶАВОБГӮ НЕСТ, КӢ НАЗОРАТ МЕКУНАД? ОЁ ДИРЕКТОРИ МАКТАБ ҲАҚ ДОРАД, КИ ХОНАНДАГОНРО БА ХАРИДАНИ ЛИБОС АЗ ҶОЙИ МУАЙЯН МАҶБУР СОЗАД? ИН ВА ДИГАР САВОЛҲОЕ ҲАСТАНД, КИ ҲАР СОЛ БА МИЁН МЕОЯНД. ИМСОЛ ҲАМ МАСЪАЛАИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ТОҶИКИСТОН ҚАРОР ГИРИФТ.**

### МАВҚЕИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ

Дар нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, ки 10-уми июли соли равон гузашт, мавзуи либоси мактабӣ боз матраҳ шуд. Масъалае, ки солҳои охир пайваста боиси норозигии волидайн мегардад. Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода гуфт, ки вазорат танҳо намунаҳои тавсиявии либоси мактабиро пешниҳод мекунад. Аммо интихоби тарҳи либос аз ҷониби кумитаҳои падару модарон сурат мегирад.



Раҳим Саидзода бо лаҳни қатъӣ таъкид кард, ки фурӯши либоси мактабӣ дар ҳудуди муассисаҳои таълимӣ ва аз ҷониби директорон ё роҳбарони синф иҷозат дода намешавад. Аз ин суханони вазир бармеояд, ки роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳақ надоранд либос фурӯшанд, барои он маблағ ҷамъоварӣ кунанд ё хонандагонро ба харид аз истеҳсолкунанда ё мағозаи муайян маҷбур созанд.

Тавре вазири маориф ва илми Тоҷикистон таъкид мекунад, «ягон кас, махсусан хонанда ё омӯзгор ҳуқуқи дахолат ба ҷамъ намудани маблағ барои либоси мактабиро надорад. Яъне, падару модар, кумитаи падару модарон ва дигарон барои ин масъул шудаанд».

Ба гуфтаи вазир, бо ҷорӣ гардидани низоми пардохти ғайринақдӣ, харидории либоси мактабӣ низ бояд бо ҳамин тартиб анҷом дода шавад, то шаффофият таъмин гардад ва роҳҳои эҳтимолии сӯиистифода аз байн раванд.

### ЛИБОС ҲАР СОЛ ИВАЗ НАШАВАД

Яке аз масъалаҳое, ки ҳар сол норозигии волидайнро ба бор меорад, тағйир додани намунаи либоси ягона мебошад. Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода дар ин маврид низ мавқеи мушаххас дорад: «Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳақ надоранд ҳар сол либоси ягонаро барои хонандагон иваз намоянд. Дар кишвар оилаҳое ҳастанд, ки серфарзанданд ва ҳар сол имкони хариди либоси нав барои фарзандонро надоранд».

Гуфтаи вазир ба он далел аст, ки дар оғози ҳар соли таҳсил волидайн бо хароҷоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Махсусан оилаҳое, ки чанд фарзандашон дар мактаб мехонанд, бештар маблағ харҷ мекунанд. Хароҷоти онҳо чанд маротиба нисбат ба дигарон бештар аст. Бо вуҷуди дастури Вазорати маориф ва илм, баъзе волидайн мегӯянд, ки дар амал вазъият на ҳамеша чунин аст.

Мавҷуда Раҳмонова, сокини шаҳри Душанбе мегӯяд: «Мо меҳоҳем либосро аз ҷойе харем, ки ҳам сифаташ беҳтар бошад ва ҳам нархаш мувофиқ. Баъзан дар мактаб тавсия медиҳанд, ки танҳо аз як нуқта харид кунем. Ин барои оилаҳое, ки чанд фарзанд доранд, осон нест».

Яке аз волидайни дигар, ки нахост номаш зикр шавад, мегӯяд, ки сифати баъзе либосҳои пешниҳодшаванда ба нарх мутобиқат намекунад: «Баъди чанд маротиба шустан матоъ ранги худро гум мекунад. Агар дар бозор ҳамон гуна либоси босифатро арзонтар ёбам, чаро онро набояд харам?».

Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки барои аксари оилаҳо масъала танҳо риояи либоси ягона нест. Сифат, нарх ва имкони иқтисодии онҳо низ муҳим аст. Имрӯз дар Тоҷикистон даҳҳо корхонаҳои дӯзандагӣ ба истеҳсоли либоси мактабӣ машғуланд. Солҳои охир давлат рушди саноати сабукро яке аз самтҳои афзалиятнок эълон кардааст. Корхонаҳои ватанӣ кӯшиш доранд, то талаботи бозори дохилиро таъмин намоянд. Ҳар сол барои садҳо ҳазор хонандаи мактаб либоси мактабӣ талаб мешавад. Ин бозори бузург метавонад барои рушди истеҳсоли ватанӣ имкониятҳои нав фароҳам орад. Аммо истеҳсолкунанда дар сурате рақобатпазир мешавад, ки сифати маҳсулотро беҳтар намуда, бо нархи дастрас пешниҳоди мардум гардонад.

Маҳдуд намудани интихоби волидайн ба як корхона ё як нуқтаи савдо баръакс, рақобати солимро коҳиш медиҳад.

Дар пасманзари либоси мактабӣ як масъалаи муҳим баъзан фаромӯш мешавад. Мактаб пеш аз ҳама муассисаи таълимӣ аст, на маркази фурӯши либос. Аммо, агар баҳсҳо танҳо атрофи либос, маблағ ва нуқтаи фурӯш давр заванд, масъалаҳои асосии соҳа - сифати таълим, дониш, малакаи омӯзгор ва омодагии хонандагон дар канор мемонанд.

Дар шароите, ки Тоҷикистон сиёсати рушди сармояи инсониро яке аз ҳадафҳои стратегӣ медонад, муҳим аст, ки баҳсҳои ҷомеа низ бештар ба сифати таълим равона шаванд. Ниҳоят, либоси ягона танҳо воситаи ташкили муҳити мактаб аст. Он метавонад интизом, ҳисси баробарӣ ва фарҳанги либоспӯширо тақвият бахшад. Аммо меъёри воқеии фаъолияти муассисаи таълимӣ ҳамоно дониш, тарбияи хонандагон боқӣ мемонад. Зеро оянда кишварро на либоси якранг, балки ҷавонони соҳибдониш месозанд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Ба ҳолати 1-уми июли соли 2026 дар Тоҷикистон 4002 корхонаи саноатӣ бо 89 ҳазору 59 ҷойи кор ба қайд гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 153 корхона зиёд мебошад.**




Ба иттилои Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, танҳо дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар қаламрави кишвар 191 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 1160 ҷойи кори нав ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 28 корхона бо 85 ҷойи кор, дар вилояти Суғд 65 корхона бо 453 ҷойи кор, дар вилояти Хатлон 46 корхона, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 30 корхона бо 94 ҷойи кор ва дар шаҳри Душанбе 22 корхона бо 114 ҷойи кор таъсис ёфта, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки дар мавсими оянда тирамоҳу зимистон таъмини аҳолӣ бо барқ беҳтар хоҳад шуд.**



"Камбуди барқ ҳаст, лекин мо тадбирҳои зарурӣ рӯйи даст мегирем. Бовар дорам, ки дар ин мавсим таъмини аҳолӣ бо барқ нисбат ба мавсими гузашта беҳтар хоҳад шуд",- иброз дошт Далер Ҷумъа. Ба гуфтаи Далер Ҷумъа, дар ҷумҳурӣ аллакай аз ҳозир камбуди об ба мушоҳида мерасад. Дар робита ба ин, ҳаҷми содироти барқ кам шуда, масъулин кӯшиш доранд, ки барои мавсими оянда тирамоҳу зимистон обро дар обанборҳо захира кунанд.

**Солеҳа Холмаҳмадзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон мегӯяд, ки шаҳрвандони кишвар баъди гирифтани шаҳрвандии Русия низ ҳувияти миллии худро аз даст намедиҳанд.**



Ӯ зимни нишасти матбуотӣ дар посух ба суоли хабарнигорон дар бораи афзоиши теъдоди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки шиноснома Русияро мегиранд, гуфт, интихоби шаҳрвандии давлати дигар ҳуқуқ ва хоҳиши шахсии ҳар шаҳрванд аст. «Ин хоҳиши ҳар шаҳрванд аст. Диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои ободии кишвар, сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ, мактабҳо ва биноҳои истиқоматӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Фикр мекунем, ҳар нафаре, ки шаҳрвандии давлати дигарро гирифтааст, ҳамеша тоҷик будани худро аз даст намедиҳад»,- гуфт Солеҳа Холмаҳмадзода.

# ХОВАРИ МИЁНА ДАР ОСТОНАИ БУҲРОНИ НАВ

**ТАНИШ МИЁНИ ИМА ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН, КИ ЧАНД МОҲИ ОХИР БО ТАЛОШҲОИ ДИПЛОМАТӢ ТО АНДОЗАЕ КОҲИШ ЁФТА БУД, ДАР РӮЗҲОИ ОХИР ДУБОРА БА МАРҲИЛАИ НИЗОМӢ ВОРИД ШУД.**



Лағви оташбас ва беэътибор донистани ёддошти тафоҳум миёни ду кишвар сабаб гардид, ки ҳамлаҳои ҳавоӣ, зарбаҳои мушакӣ ва таҳдидҳои сиёсӣ дубора оғоз ёбанд. Коршиносон ҳушдор медиҳанд, ки идомаи ин вазъ метавонад тамоми минтақаи Ховари Миёнаро ба гирдоби ҷанги густарда кашида, ба иқтисоди ҷаҳон низ таъсири ҷиддӣ расонад.

## АМАЛИЁТИ НАВИ АМРИКО

Шаби 15-уми июл Фармондеҳии марказии артиши Амрико (CENTCOM) аз анҷоми навбатии ҳамлаҳои ҳавоӣ ба ҳадафҳои низомии Эрон хабар дод. Ба иттилои ин ниҳод, зарбаҳо ба мавқеъҳои низомӣ дар наздикии тангаи Ҳурмуз ва минтақаҳои соҳилии Эрон равона гардида, дар онҳо аз ҳавопаймоҳои ҷангӣ, киштиҳои ҳарбӣ ва ҳавопаймоҳои бесарнишин истифода шудааст. Ба иттилои расонаҳои эронӣ, ҳамлаҳои шабонаи Амрико шаҳру ноҳияҳои Бушеҳр, Чобаҳор, Деҳлоран, Аҳвоз, Бандар Аббос, Сирик ва Эроншаҳрро фаро гирифтааст.

Вашингтон мегӯяд, ки ҳадафи ин ҳамлаҳо маҳдуд намудани имкониятҳои Эрон барои таҳдид ба ҳаракати киштиҳои тиҷоратӣ дар Халиҷи Форс мебошад.

Ҳамзамон, CENTCOM эълон кард, ки муҳосираи баҳрии бандарҳои Эронро аз сар гирифтааст. Барои иҷрои ин амалиёт беш аз 20 киштии ҷангӣ ва садҳо ҳавопаймои ҳарбӣ дар минтақа мустақар шудаанд. Ин тасмим қаблан аз ҷониби президенти Иёлоти Муттаҳида Доналд Трамп эълон шуда буд.

Доналд Трамп дар мусоҳиба бо шабакаи Fox News мавқеи худро боз ҳам сахттар баён кард. Ӯ ҳушдор дод, ки агар Эрон ба мизи музокирот барнагардад, ҳафтаи оянда Амрико метавонад нерӯгоҳҳои барқӣ, пулҳо ва дигар зерсохторҳои муҳими ин кишварро мавриди ҳамла қарор диҳад.

## ПОСУХИ ЭРОН

Дар ҷавоб ба ҳамлаҳои Амрико, Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ ва Артиши Эрон аз анҷоми як қатор ҳамлаҳои мушакӣ ва ҳавопаймоҳои бесарнишин ба пойгоҳҳои низомии Амрико дар Кувайт, Баҳрайн ва Урдун хабар доданд.

Ба гуфтаи онҳо, пойгоҳи ҳавоии "Ал-Азрақ" дар Урдун, ки дар он ҷангандаҳои F-15, F-16, F-18 ва F-35 мустақаранд, ҳадаф қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, Эрон иддао дорад, ки марказҳои иртибототи моҳвораӣ, системаҳои дифои ҳавоӣ ва мушакии «Патриот», анборҳои бузурги таҷҳизот ва маводи сӯхти нерӯҳои Амрико дар Кувайт ва Баҳрайн низ мавриди ҳамла қарор гирифтаанд.

## БОЗ ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ

Яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои ин даргирӣ баста шудани Гулӯгоҳи Ҳурмуз аз ҷониби Эрон мебошад.

Ин оброҳ роҳи асосии интиқоли қисми зиёди нафти ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳар гуна маҳдудият дар ҳаракати киштиҳо метавонад ба бозори ҷаҳонии энержӣ таъсири мустақим расонад.

Дар посух ба муҳосираи баҳрии Амрико Сипоҳи посдорон эълон кард: «То замоне, ки шарорати Амрико дар минтақа идома дорад, як қатра нафт ва газ аз минтақа содир нахоҳад шуд». Ин ниҳод таъкид намуд, ки содироти нафту газ «ё барои ҳама хоҳад буд, ё барои ҳеҷ кас».

Дар ҳамин замина, муовини вазири корҳои хориҷии Эрон Козим Ғарибободӣ изҳор дошт, ки бо аз-саргирии муҳосираи баҳрӣ Амрико амалан ёддошти тафоҳумро бекор кардааст.

Паёмади ин танишҳоро аллакай ҷомеаи ҷаҳон эҳсос мекунад.

Тибқи маълумоти бозорҳои ҷаҳонӣ, дар чанд рӯзи охир нархи нафт тақрибан 9 дарсад боло рафта, субҳи 15-уми июл аз 86 доллар барои як бушка гузаштааст. Ин баландтарин нишондод дар як моҳи охир ба ҳисоб меравад.

## АМНИЯТИ МИНТАҚА

Дар баробари даргирии Амрикову Эрон, вазъ дар дигар минтақаҳои Ховари Миёна низ ноором гардидааст. Гурӯҳи ҳусиҳои Яман, ки аз ҷониби Эрон пуштибонӣ мешаванд, эълон карданд, ки дар посух ба ҳамлаи нерӯҳои ҳимоятшавандаи Арабистони Саудӣ ба фурудгоҳи Санъо Фурудгоҳи байналмилалии Абҳои Арабистони Саудиро мавриди ҳамла қарор додаанд.

# НАТО БА УКРАИНА $82 МЛРД КУМАКИ НИЗОМӢ МЕКУНАД

**Раҳбарони кишварҳои узви паймони НАТО бо нашри эъломияи муштарак дар поёни нишасти дурӯзаи худ, рӯзи 8-уми июл уҳдадор шуданд, ки дар соли 2026 ҳафтод миллиард евро (ҳудуди 82 миллион доллар) таҷҳизоти низомӣ, кумаки амниятӣ ва омӯзиши низомӣ дар ихтиёри Украина қарор диҳанд ва бар идомаи ҳимоят аз Киев таъкид карданд.**



Ҳамзамон бо баргузории нишасти НАТО дар Анқара, Русия субҳи 8-уми июл ҳамлаҳои наверо алайҳи Украина анҷом дод, ки дар натиҷа дастикам ҳафт нафар кушта шуданд. Украина низ ба ин ҳамлаҳо посухи мутақобил дод. Тибқи гузоришҳо, Русия ҳафтаи гузашта тақрибан ҳар рӯз бо истифода аз паҳподҳо ва мушакҳои баллистикӣ минтақаҳои гуногуни Украинаро ҳадаф қарор додааст, ки бар асари он беш аз 50 тан кушта шудаанд.

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**"Дар шаш моҳи соли равон олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳқиқотро аз рӯйи 99 мавзуи илмӣ, аз ҷумла 65 мавзуи бунёдӣ, 9 мавзуи амалӣ ва 25 мавзуи бунёдию амалӣ идома дода, дар самтҳои афзалиятноки илм натиҷаҳои назаррас ба даст овarданд", – гуфт Президенти АМИТ Қобилҷон Хушвахтзода зимни нишасти матбуотӣ.**



Дар ин давра олимони академия 11 патент барои ихтироъ, 2 қарори мусбат оид ба додани нахустпатент, 1 шаҳодатномаи муаллифӣ ва 2 шаҳодатномаи бақайдгирии ҳуқуқи муаллиф ба объектҳои моликияти зеҳниро ба даст оварданд. Олимони академия дар нимсолаи якуми соли 2026 зиёда аз 1320 кори илмӣ ба нашр расонидаанд. Ҳамчунин зиёда аз 400 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ ва давлатҳои хориҷи дур нашр гардид, ки аз онҳо зиёда аз 80 мақола дар пойгоҳи байналмилалии SCOPUS ва беш аз 170 мақола дар РИНС ҷой дода шуданд.

**Низом Мирзозода, раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон сабаби аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ ба чанд кас фурӯхтани як хонаро шарҳ дод.**



Номбурда зимни нишасти хабарӣ гуфт, ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нисбат ба солҳои пеш хеле боло рафтааст. Аммо то ҳол ширкатҳои биносозе ҳастанд, ки мардумро фиреб медиҳанд. "Чаро як хонаро ба се-чор кас мефурӯшанд? Сабаб дар он аст, ки шартномаро дар идораи нотариалӣ ба қайд намегиранд. Вақте дар идораи нотариалӣ шартнома баст, аллакай он ҳукми ҳуқуқӣ мегирад ва каси дигар ба идораи нотариалӣ муроҷиат кунад, маълумот мебарояд, ки ин хона фурӯхта шудааст",- гуфт Мирзозода.

**Масъулини Вазорати кишоварзии Тоҷикистон аз афзоиши қимат ва ташдиди камбуди сӯхт нигароnанд. Нуралӣ Асозода, муовини аввали вазири кишоварзӣ зимни нишасти хабарӣ гуфт, ки ин вазорат таҳлили худро ҳанӯз рӯзи 22-юми май ба давлати Тоҷикистон ироа карда, вазъияти имрӯзро пешбинӣ карда буд.**



"Аз ҳамон замоне, ки тоза мавсими бардошти ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ оғоз шуда буд, рӯйдодҳое, ки дар Русия рух медод ва ҳамчунин идомаи вазъияти номатлуби Ховари Миёна моро ба ин натиҷа расонида буд, ки қиматҳо афзоиш хоҳанд ёфт ва мо бо камбуди сӯхт рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Вазъият воқеан нигаронкунанда аст",- гуфт Нуралӣ Асозода.

# ЧАРХОФАЛАКҲОИ ХАТАРНОК

## Хадамот дар боғҳои пойтахт 150 нуқси техникӣ ошкор кард

**Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ зимни санҷиши техникии аттраксионҳо ва чархофалакҳои боғҳои фарҳангию фароғатии шаҳри Душанбе дар зиёда аз 150 таҷҳизоти бозӣ камбудиҳои гуногуни техникӣ ошкор кардааст. Дар ин бора муовини якуми сардори ин ниҳод Ардашер Мирзозода зимни нишасти матбуотӣ хабар додааст.**



Ба гуфтаи масъулин, аз ҷумлаи нуқсонҳои бештар ба қайд гирифташуда фарсудашавии камарбандҳои бехатарӣ, кафшавии баъзе қисмҳои роҳравҳои аттраксионҳо, қисман мавҷуд набудани панҷараҳои муҳофизатӣ ва насб нашудани лавҳаҳои иттилоотӣ оид ба риояи қоидаҳои бехатарӣ мебошанд.

Санҷиш аз 12 то 18-уми марти соли равон дар асоси дастури раиси шаҳри Душанбе гузаронида шуда, як қатор боғҳои фарҳангию фароғатии пойтахтро фаро гирифтааст.

Аз ҷумла, Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ, Боғи Хайём, Боғи ҳайвонот, Боғи Нишон, Боғи ба номи Мироненко, инчунин маҷмааҳои фароғатии «Восеъ-2005» ва «Нур» мавриди санҷиши мутахассисон қарор гирифтаанд.

Тибқи иттилои Хадамот, бархе аз соҳибони таҷҳизоти бозӣ ҳуҷҷатҳои техникии аттраксионҳоро пешниҳод карда натавонистаанд. Ҳамчунин маълум шудааст, ки баъзе дастгоҳҳо аз муоинаи ҳатмии техникии пеш аз оғози мавсим нагузаштаанд.

Ба гуфтаи мутахассисон, истифодаи таҷҳизоте, ки аз ташхиси техникӣ нагузаштааст, метавонад ба саломатӣ ва ҷони шаҳрвандон хатари ҷиддӣ эҷод кунад.

Дар нишасти матбуотӣ инчунин аз ҳодисае ёдовар шуданд, ки чанде пеш дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ рух дода, дар натиҷа як шаҳрванди Федератсияи Русия ҷароҳат бардоштааст. Масъулин шумораи умумии ҳодисаҳои ноҳушро дар шаш моҳи соли ҷорӣ эълон накарданд, вале таъкид намуданд, ки фаъолияти таҷҳизоти мазкур то бартараф гардидани ҳамаи нуқсонҳои техникӣ муваққатан қатъ карда шудааст.

Гуфта шуд, ки бо мақсади пешгирии чунин ҳолатҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Бӯстон бо иштироки соҳибкорон ва масъулони соҳа машваратҳои омӯзишӣ баргузор гардидаанд.

Тибқи маълумоти расмӣ, имрӯз дар Тоҷикистон 289 аттраксион дар қайди давлатӣ қарор доранд, ки 162 адади онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд.

Мавзуи бехатарии таҷҳизоти бозӣ баъди ҳодисаи фоҷиабори рӯзи 1-уми июни соли равон дар шаҳри Гулистон боз ҳам доғтар гардид. Дар он ҳодиса бар асари канда шудани батут дар соҳили «Баҳри тоҷик» як кӯдаки 10-сола ба ҳалокат расида, панҷ кӯдаки дигар ҷароҳат бардоштанд. Гарчанде сабаби пешакии ҳодиса шамоли сахт арзёбӣ гардид, додситонӣ таҳқиқи қазияро оғоз намуда, натиҷаи он то ҳол эълон нашудааст.

# 37 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАР

## Беш аз 200 корманди шабакаҳои барқ муҷозот шуданд

**Тибқи маълумоти Агентии назорат дар соҳаи энергетика, танҳо аз ҳисоби изофанависии нерӯи барқ аз ҷониби кормандони Корхонаи воҳиди давлатии «Шабакаҳои тақсимоти барқ» (ШТБ) ба буҷаи давлат зиёда аз 37 миллион сомонӣ зарар расидааст.**

Бино ба иттилои Агентӣ, дар нимсолаи аввал беш аз 122 миллион киловатт-соат нерӯи барқ ба суратҳисоби муштариён беасос изофанависӣ шудааст. Ҳаҷми зарари молиявии ин қонуншиканӣ зиёда аз 37 миллион сомонӣ арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин қонунвайронкунӣ 263 корманди ШТБ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба маблағи умумии 186 ҳазор сомонӣ ҷарима шудаанд. Ҳамзамон, нисбати 45 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Аз рӯйи маълумоти Агентии назорат дар соҳаи энергетика, бештарини ҳолатҳои изофанависӣ дар минтақаҳои ҷанубии кишвар ба қайд гирифта шудааст.

Дар филиали ШТБ-и минтақаи Кӯлоб зиёда аз 60,2 миллион киловатт-соат нерӯи барқ ба маблағи 20,1 миллион сомонӣ изофанависӣ гардидааст.

Дар филиали минтақаи Бохтар бошад, 34,6 миллион киловатт-соат нерӯи барқ ба маблағи 9,3 миллион сомонӣ ғайриқонунӣ ба ҳисобҳо ворид шудааст.

Дар вилояти Суғд низ ҳолатҳои назаррасӣ қонуншиканӣ ошкор гардида, ҳаҷми изофанависӣ беш аз 11,2 миллион киловатт-соат ва зарари расида зиёда аз 3,3 миллион сомонӣ арзёбӣ шудааст. Дар шабакаҳои барқи шаҳри Истаравшан низ қонуншиканӣ ба маблағи наздики як миллион сомонӣ ошкор шудааст.

Дар филиали ШТБ-и шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёда аз 7,2 миллион киловатт-соат нерӯи барқ ба маблағи 2,3 миллион сомонӣ изофанависӣ гардида, дар шаҳри Душанбе низ чунин ҳолатҳо ба маблағи наздики як миллион сомонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамзамон, мақомоти назоратӣ аз истифодаи ғайриқонунии нерӯи барқ аз ҷониби корхонаву муассисаҳо низ хабар медиҳанд.

Дар шаш моҳи соли равон 1750 корхона ва ташкилот барои вайрон кардани қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ ошкор шуда, маблағи умумии ҷаримаҳои таъиншуда 24 миллион сомониро ташкил додааст.

Тибқи иттилои Агентии назорат дар соҳаи энергетика, қисми зиёди зарари расида аллакай ба буҷети давлат барқарор гардидааст.

### *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар шаш моҳи якуми соли равон 4724 нафар машғулияти кӯтоҳмуддати касбомӯзии назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм намудаанд. Аз ин шумора 1232 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.**



Дар ин хусус раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Тоҷикистон **Фарҳод Раҳимӣ** ба хабарнигорон иттилоъ дод. Фарҳод Раҳимӣ зикр намуд, ки аз ин шумора дар муассисаҳои таълимии вилояти Суғд 1431 нафар, вилояти Хатлон - 954 нафар, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 37 нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 510 нафар ва дар шаҳри Душанбе 1792 нафар ба машғулияти кӯтоҳмуддат ҷалб шуданд.

**Соли равон дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 50 донишҷӯ аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил пурра озод карда шудаанд. Инчунин, барои 21 нафар 50 фоиз сабукӣ муқаррар гардидааст.**



Дар ин хусус ректори донишгоҳ **Жило Гулназарзода** зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод. Бино ба иттилои ӯ, дар доираи тадбирҳои дастгирии иҷтимоӣ ҳамчунин 19 омӯзгор аз пардохти маблағи хобгоҳ озод гардида, 8 омӯзгор барои тасдиқи рисолаҳои номзадӣ ҳар кадом бо маблағи 5000 сомонӣ ҳавасманд карда шудаанд.

**Таваҷҷуҳи довталабони хориҷӣ барои таҳсил дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон сол ба сол бештар шуда истодааст. Ин нуктаро ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт.**



"Хоҳишмандон зиёданд. Танҳо аз Чин 100 нафар дархост додаанд, ки дар донишгоҳ таҳсил намоянд. Ин худ бозгӯи мақоми байналмилалӣ доштани донишгоҳро нишон медиҳад",- гуфт Убайдулло Асрорзода.

Ӯ илова кард, ки ҳоло 100 донишҷӯ донишкадаи хориҷӣ барои роҳандозии ҳамкориҳои нав бо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳавасмандӣ зоҳир намудаанд.

## Мунира Шаҳидӣ:

# ҒАРБ БА ФАРҲАНГИ ШАРҚ НИЁЗ ДОРАД!

**МУНИРА ШАҲИДӢ - ШАРҚШИНОС, ФАРҲАНГШИНОС, ТАРҶУМОН ВА ХОДИМИ МАЪРУФИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК ДАР СИННИ 83-СОЛАГӢ ДАР ШАҲРИ МАСКАВ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ. МАРҲУМ ФАРЗАНДИ БАСТАКОРИ НОМВАР ЗИЁДУЛЛО ШАҲИДӢ БУДА, БАРОИ ТАРҒИБИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК ДАР АРСАИ ҶАҲОН ХИДМАТҲОИ МОНДАГОР КАРДААСТ. ПРОФЕССОР МУНИРА ШАҲИДӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ БОНУФУЗИ ОЛАМ ДАРС ГУФТА, ДОИР БА ФАРҲАНГИ ТОҶИК КИТОБУ МАҚОЛАҲОИ ЗИЁД НАШР КАРДААСТ. Ӯ БУНЁДГУЗОР ВА РОҲБАРИ БУНЁДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ФАРҲАНГИИ БА НОМИ ЗИЁДУЛЛО ШАҲИДӢ БУД. ЧАНД РӮЗ ПЕШ РӮЗНОМАНИГОР ЗОҲИР ҲАСАНЗОДА ДАР ШАҲРИ САМАРҚАНД БО ПРОФЕССОР МУНИРА ШАҲИДӢ МУСОҲИБА АНҶОМ ДОДА, БАРОИ НАШР БА "ТОҶИКИСТОН" ФИРИСТОДА БУД, КИ ОНРО МАНЗУРИ ХОНАНДАГОН МЕГАРДОНЕМ.**

**АЗ ИДОРА**



**Дар Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ, воқеъ дар шафати майдони Регистони Самарқанд рӯнамоии асари тозанашри фарҳангшиноси маъруф Мунира Шаҳидӣ баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ намояндагони илму адаб, санъат, фарҳанг ва воситаҳои ахбори оммаи Самарқанд иштирок карданд. Нависанда Адаш Истад, омӯзгори Омӯзишгоҳи санъат ва мусиқии Самарқанд Равшан Ҳамроқулов, директори Осорхонаи устод Айнӣ Амриддин Пӯлодов ва дигарон дар бораи пайванди маънавии Самарқанду Душанбе, мақоми Зиёдулло Шаҳидӣ дар мусиқии муосири тоҷик ва нақши хонадони ӯ дар муаррифии фарҳанги миллӣ суханронӣ карданд.**

*Дар поёни маҳфил бо профессор Мунира Шаҳидӣ суҳбате оростем.*

**- Мунира Зиёдуллоевна, чаро барои рӯнамоии китобатон маҳз Осорхонаи устод Садриддин Айниро интихоб кардед?**

- Ин интихоби тасодуфӣ нест. Эҷодиёти Зиёдулло Шаҳидӣ, ҳамчун яке аз пайравони маънавии устод Садриддин Айнӣ, пайваста дар ҳоли рушд буд ва марҳалаҳои муҳими ҷаҳони ботинии ӯро дар пайванди вокеаҳои бузурги замон инъикос мекард. Падарам Самарқандро ҳамчун зодгоҳ, сарзамини ташаккули шахсият ва макони бунёди хонавода бо ҳамсафари тамоми умрашон Марҳабохонум месуруданд. Душанберо ҳамчун шаҳри ҷавонӣ, фаъолият ва камолоти эҷодӣ дӯст медоштанд. Маскав барои эшон макони омӯзиши фарҳанги мусиқии муосир буд. Маҳз дар он шаҳр нахустин асарҳои полифонӣ, мусиқии камеравӣ, симфонӣ ва арияҳои операҳои ӯ садо доданд ва тадриҷан ба композитор эътирофи васеъ оварданд. Зиёдулло Шаҳидӣ бо заҳмати пайваста ҷойгоҳи худро дар фазои бекарони мусиқии ҷаҳони муосир бунёд намуд. Ӯ аз мероси мусиқии миллӣ дур нашуд, балки кӯшиш кард онро бо забон ва шаклҳои нави мусиқии касбӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад.

Ғояи эҳёи Роҳи қадимаи абрешим дар замони муосир ба яке аз самтҳои муҳими илму фарҳанг табдил ёфтааст. Моҳияти он танҳо дар барқарор кардани роҳҳои тиҷоратӣ нест. Он пеш аз ҳама муқовимати зеҳниву фарҳангӣ ба сиёсати мустамликадорӣ ва ба ҳамон «тақсимбандии дағалона»-ест, ки халқҳои дорои таърих ва фарҳанги муштаракро дар чорчӯбаҳои маҳдуд қарор медод.

Татбиқи амалии ин ормонро метавон дар ҳамкории эҷодии намояндагони илму санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида кард. Пешбарандаи ғояи ҳамдилӣ ва ҳамкории халқҳои минтақа устод Садриддин Айнӣ буд. Маҳз бо тавсия ва дастгирии маънавии ӯ Зиёдулло Шаҳидӣ ба офаридани операи «Комде ва Мадан» дар асоси достони Абдулқодири Бедил рӯ овард. Аз ҳамин сабаб, суҳбат дар бораи мероси Зиёдулло Шаҳидӣ дар хонаи устод Айнӣ рамзи идомаи як роҳи бузурги фарҳангист.

**- Мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ дар фарҳанги Роҳи абрешим чӣ нақш дошта метавонад?**

- Барои ман ва ҳамфикронам ғояи ҷойгоҳи мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ дар Роҳи нави абрешим аз соли 2013 ба таври равшантар таҷассум ёфт. Дар он давра се падидаи муҳим - Наврӯз, Роҳи нави бузурги абрешим ва садсолагии композитор Зиёдулло Шаҳидӣ дар доираи рисолати фарҳангии ЮНЕСКО ба ҳам пайвастанд.

Дар қатъномаи ЮНЕСКО бахшида ба садсолагии композитор таъкид шуда буд, ки Зиёдулло Шаҳидӣ бо офаридани мусиқии муосир ба яке аз намояндагони барҷастаи фарҳанги минтақа табдил ёфт. Асарҳои нахустини камеравии ӯ, аз ҷумла «Рондо» ва «Консерт барои фортепиано ва скрипка», дар ҷустуҷӯи шаклҳо, услубҳо ва воситаҳои нави ифодаи фарҳанги миллӣ эҷод шудаанд.

Орзуи ҳамешагии ӯ таҷассум кардани мақомҳо дар мусиқии симфонии бисёровоза буд. Ин ормон аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба яке аз самтҳои асосии тафаккури эҷодии ӯ табдил ёфт ва то охири умраш идома кард. Саҳми асосии Зиёдулло Шаҳидӣ дар мусиқии ҷаҳонӣ пайвастани анъанаҳои мақомӣ бо тафаккури симфонӣ мебошад. Ӯ дар бархӯрди ин ду фарҳанги мусиқӣ рақобат ё бартарии якеро бар дигаре намеҷуст. Баръакс, ҳамоҳангии ҳастӣ, ягонагии инсон ва ҷовидонии муҳаббатро ҷустуҷӯ мекард.

**- Асарҳои Зиёдулло Шаҳидӣ дар муҳити фарҳангии халқҳои дигари минтақа чӣ гуна пазируфта мешуданд?**

- Мусиқии ӯ аз ибтидо хусусияти фаромиллӣ дошт. Марши пурэнержие, ки Зиёдулло Шаҳидӣ барои нахустин ҷашнвораи байналмилалии ҷавонон дар Бишкек (он замон шаҳри Фрунзе) офарида буд, соли 1956 дар иҷрои ҷавонони гуногунзабон, гуногунмазҳаб ва намояндагони фарҳангҳои гуногун садо дод.

Сурудҳои амиқан лирикии ӯро овозхонҳои маъруфи Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон иҷро мекарданд. «Симфонияи мақомҳо» соли 1976 дар озмуни умумииттифоқии мусиқии симфонӣ дар Маскав сазовори ҷойи дуюм гардид.

Иҷрои суруди машҳури «Муҳаббат» аз ҷониби овозхони афсонавии Ӯзбекистон Ботир Зокиров бо ҳамроҳии оркестри ҷаз намунаи равшани пайванди фарҳангҳои минтақа мебошад. Гуфтугуҳои чандсоатаи падарам бо нависанда ва мутафаккири маъруфи қирғиз Чингиз Айтматов низ аз хотираи халқҳои мо зудуда нахоҳанд шуд.

Операи «Комде ва Мадан» моҳи декабри соли 1960 дар саҳнаи Театри давлатии академии опера ва балети Душанбе ба намоиш гузошта шуд. Баъдан, соли 1972, он дар Самарқанди барои композитор азиз садо дод. Клавири опера дар оғози солҳои ҳаштодум дар Маскав ба табъ расид ва таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҳамкории фарҳангҳои мусиқиро ба худ ҷалб кард.

Операи дигари ӯ «Ғуломон», ки дар асоси асарҳо ва хотираҳои устод Айнӣ дар бораи муборизаи мардуми Бухоро барои зиндагии нав офарида шудааст, соли 1978 рӯйи саҳна омад. Ин асар ба ташаккули самти нави андешаи эҷодӣ такон бахшид. Дар ҳамин замина аввалин силсилафилми телевизионии тоҷикӣ - «Ҳеҷбудагон...» бо коргардонии Тоҳир Собиров ба вуҷуд омад. Ороиши мусиқии филмро Зиёдулло Шаҳидӣ анҷом дода буд.

Саҳми композиторони Осиёи Марказии асри XX дар фарҳанги ҷаҳонӣ ҳанӯз ба таври комил омӯхта нашудааст. Мо акнун аз маҳдудиятҳои идеологии давраи «ҷанги сард» дур шуда, ба арзёбии нави мероси онҳо рӯ меорем. Ташаккули фазои ягонаи Роҳи абрешим барои чунин пажӯҳиш имконияти васеъ фароҳам месозад.

**- Дар маҳфили имрӯза доир ба асарҳои тозанашр дар бораи сулолаи Зиёдулло Шаҳидӣ низ сухан рафт. Омӯзиши мероси композитор имрӯз дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Аз солҳои чилуми асри гузашта то имрӯз даҳҳо мақола, монография ва китоб дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Зиёдулло Шаҳидӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ ва дигар забонҳо нашр шудаанд. Баррасии интиқодии қисми муҳими онҳо дар монографияи дастаҷамъие ҷой гирифтааст, ки соли 2015 аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расид. Арзёбии нақши Зиёдулло Шаҳидӣ дар рушди фарҳанги миллии мусиқӣ аз дастовардҳои муҳими ин китоб аст. Марҳалаи муаррифии мероси композитор баъди таъсиси Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқӣ дар соли 1987 қувват гирифт. Дар заминаи он соли 1992 Бунёди байналмилалии фарҳанги Зиёдулло Шаҳидӣ таъсис ёфт. Соли 1996 ин ташкилот узви Шурои ҷамъиятии назди Президенти Тоҷикистон гардид. Ман ҳамроҳ бо модарам, аъзои хонавода, наберагон, шогирдон ва дӯстдорони эҷодиёти Зиёдулло Шаҳидӣ талош кардам, ки ин мерос дар кишварҳои гуногун муаррифӣ шавад ва ин корро идома медиҳем. Зеро ҷомеаи ҷаҳонӣ нав ба мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ кардааст, мутахассисон дарк кардаанд, ки ҷаҳони Ғарб ва фарҳанги Шарқ ниёз дорад ва дар ин раванд омӯхтани фарҳанги мусиқӣ, аз ҷумла мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ ва пайравонаш бисёр муҳим мебошад.

**- Барои суҳбати пурмуҳтаво ва хотирмон сипосгузорем.**

- Ман ҳам ташаккур мегӯям.

**Суҳбаторо:**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**ш. Самарқанд**

# ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026

**13-уми июли соли 2026 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2026 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли ҷорӣ баргузор гардид.**




Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода нахуст барои дастгирии доимии рушди низоми бонкӣ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ баён намуда, изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли 2026 мутобиқ ба қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ”, инчунин дар асоси “Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026 ва давраи миёнамуҳлат” роҳандозӣ кардааст.

Қайд карда шуд, ки сарфи назар аз идомаи номуайяниҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ва хавфҳои геоиқтисодӣ, дар натиҷаи татбиқи сиёсати иқтисодии пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои амалигардидаи Бонки миллии Тоҷикистон суботи низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи якуми соли 2026 нигоҳ дошта шуда, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти соҳа тамоюли мусбатро идома доданд. Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ сиёсати мутавозини пулию қарзиро ҷиҳати рушди боэътидоли ҳаҷми пул, муътадилии қурби пули миллӣ, таъмини фаъолияти солими низоми бонкии кишвар ва нигоҳдории сатҳи пасти таваррум, ки омили муҳимми рушди иқтисодиёт ва болоравии сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад, амалӣ намуд.

Дар ҷараёни ҷаласа роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, иҷрои вазифаҳои гузоштшуда ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ, раванди иҷрои стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои солҳои 2022-2026, суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати асъорӣ, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти мониторинги молиявӣ, татбиқи самараноки низоми пардохт, вазъи низомҳои иттилоотӣ ва баҳогузории хизматрасониҳои низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2026 рӯнамоҳои таҳлилӣ пешниҳод намуданд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳо ба роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати иҷрои пурраи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ, таҳкими низоми идоракунии хавфҳо, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, густариши пардохтҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, такмили низоми амнияти иттилоотӣ ва киберӣ, ҷалби бештари сармоягузорӣ ва пасандозҳо, паст намудани фоизи қарзҳо, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва сари вақт баррасӣ намудани мурочиатҳои шаҳрвандон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҷаласа инчунин ба масъалаҳои тақвияти назорат ҳангоми анҷом додани амалиётҳои фаромарзӣ, риояи талаботи байналмилалӣ дар самти комплаенс, муқовимат ба маблағгузории терроризм ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, пешгирии хавфҳои марбут ба ин самт, инчунин тақвияти чораҳои пешгирии амалиётҳои қаллобии молиявӣ ва фаъолияти дропперӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода низ зимни суханронӣ изҳор дошт, ки дар татбиқи самараноки сиёсати иқтисодии давлату ҳукумат нақши низоми бонкӣ муҳим арзёбӣ гардида, он дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ташаккули бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ саҳми беандоза дорад.

Дар ҷамъбаст раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода таъкид намуд, ки ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст рушди муттасили фаъолияти ташкилоти худро таъмин намуда, ҷиҳати иҷрои вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон бармеоянд, инчунин таъмини иҷрои саривақтии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 тадбирҳои муассир андешида, барои таҳкими суботи низоми молиявӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, таъмини амнияти молиявӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди устувори иқтисоди миллӣ фаъолияти худро боз ҳам тақвият бахшанд.



# ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУҒУРТА ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ ҶОРӢ

**13-уми июли соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар нимсолаи якуми соли 2026 баргузор гардид.**



Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ зимни суханронӣ қайд намуд, ки дар нимсолаи якуми соли 2026 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат мусбат ҷамъбаст гардида, низоми суғуртаи кишвар низ рушди устувори худро идома додааст. Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати идомаи ислоҳоти низоми суғурта як қатор тадбирҳои муҳимро амалӣ намуд. Аз ҷумла, «Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» ва нақшаи амалисозии он таҳия гардид, шакли намунавии полиси электронии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт тасдиқ шуд, инчунин ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти суғуртавӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои ҷорӣ намудани суғуртаи исломӣ ва рушди механизмҳои идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, ҳамчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони соҳа семинарҳои омӯзишии касбӣ оид ба татбиқи Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ (СБҲМ-17) баргузор гардиданд.

Дар идомаи ҷаласа оид ба ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар нимсолаи якуми соли 2026 рӯнамои муфассал пешниҳод гардида, оид ба фарогирии суғуртавӣ дар кишвар, нишондиҳандаҳои асосӣ, риояи талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои макбул, мушкилоти мавҷуда дар низоми суғурта ва дурнамои рушди он маълумот дода шуд.

Зимнан таваҷҷуҳи роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ, саривақт анҷом додани пардохтҳои суғуртавӣ, риояи меъёрҳои макбул, ташаккули дурусти захираҳои суғуртавӣ, такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, рақамикунонии фаъолияти суғуртавӣ, густариши шабакаи филиалу намояндагиҳо ва тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ ҷалб карда шуд.

Дар анҷоми ҷаласа вазифагузориҳо барои нимсолаи дуюми соли 2026 муайян гардида, ба ташкилотҳои суғуртавӣ ва воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтии онҳо, рушди минбаъдаи низоми суғурта, таҳкими устувории молиявӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ дастуру супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР

## «ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР»

**МАВОДҲОИ ИН КИТОБ ЗАҲМАТИ БИСЁРСОЛАЕСТ, КИ МУАЛЛИФ ҲАНГОМИ САФАРҲОИ ЗИЁДИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАНОТИҚИ МУХТАЛИФИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ХОРИҶА ОМОДА ВА НАШР НАМУДААСТ. ЯК ҚИСМИ ОНҲО ДАР КИТОБИ “ПРЕЗИДЕНТ. ТАФСИЛОТИ ЯК САФАРИ ПУРХАТАР” СОЛИ 2013 ЧОП ШУДА БУД. САФАРНОМАҲОИ МАЗКУР АЗ ЗАҲМАТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОҲИ БАРҚАРОРӢ ВА ТАҲКИМИ СУЛҲ ҲИКОЯТ МЕКУНАНД. ҲАНӮЗ СОЛИ 1998 КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ СММ КОФИ АННАН ПЕШНИҲОД КАРДА БУД, КИ ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН АЗ ҶОНИБИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН ОМӮХТА ШАВАД. ҲОЛО, КИ ТАШАББУСИ ТОҶИКИСТОН ТАҲТИ УНВОНИ «ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТАҲКИМИ СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА (2027-2036)» АЗ ҶОНИБИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ ПАЗИРУФТА ШУД ВА ҚАРОР АСТ, КИ СОЛИ ОЯНДА БА ИН МУНОСИБАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ НАХУСТИН ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ БАРГУЗОР ГАРДАД, МУАЛЛИФ ТАСМИМ ГИРИФТ, КИ ОНҲОРО ТАКМИЛ ВА ДИГАРБОРА ДАСТРАСИ ХОНАНДАГОН НАМОЯД.**



*Хусдеҳ, 10-уми ноябри соли 1996*

# ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

Субҳи Душанбе нисбатан ором ба назар мерасид. Офтоб ҳанӯз аз пушти қаторкӯҳҳои Ҳисор пурра сар набароварда буд. Осмони тирамоҳ ранги хокистарии равшан дошт ва шамоли тунд дар майдони фурудгоҳ ҳукмфармоӣ мекард.

Дар як гӯша ду чархбол меистоданд. Муҳаррикҳояшон ҳанӯз ба кор надаромада буданд. Онҳо паст шудани шамол ё дастуреро интизор доштанд.

Дар гирди чархболҳо чанд нафар қадам зада, бо овози паст суҳбат мекарданд. Онҳо гоҳ ба чархбол менигаристанд, гоҳ ба дарвозаи фурудгоҳ. Суханонашон нотамом буд, ҳар ҳарфе, ки гуфтан мехостанд, гӯё дар гулӯяшон дармемонд. Дар чеҳраҳояшон изтироб хонда мешуд. Яке хомӯш сигор мекашид, дигаре беихтиёр ба осмон менигарист, савумӣ охиста қадам мезад ва ҳар лаҳза ба соат менигарист. Шамол миёни онҳоро бурида, домани болопӯшҳояшонро ба ларзиш меовард ва ҳамон ҳақиқати талхеро гуфтан мехост, ки ҳама медонистанд, аммо ҳеҷ кас ҷуръати ба забон оварданашро надошт.

Ҳама сафареро интизор буданд, ки пур аз хатар буд.

Ин сафар метавонист бебозгашт бошад. Баъзеҳо умед доштанд, ки онро ба таъхир хоҳанд андохт. Лоақал ба он хотир, ки ҳаво мусоид набуд, шамоли сахт мевазид. Дигарон ба муваффақияти мулоқоти дар пеш истода бовар надоштанд. Касоне низ буданд, ки сафар ба Афғонистони ҷангзадаро домии марге медонистанд, ки барои ҳайати ҳукумати Тоҷикистон омода карда шудааст.

Бо вуҷуди ин, касе фурудгоҳро тарк намекард. Ҳама мунтазир буданд. Мунтазири тасмими шахсе, ки метавонист бо як қарор ин сукути вазнинро шиканад.

Каме дуртар вазири амният Сайдамир Зуҳуров ба чанд сарбози мусаллаҳ дастур медод. Нигоҳи тезаш касеро ҳам аз мадди назар дур намегузошт. Ҳар ҷузъиёти сафарро дигарбора месанҷид, ҳар мавқеъро бо нигоҳи таҷриба баррасӣ мекард. Дар чеҳрааш оромӣ ҳукмфармо буд. Вале ин оромии марде буд, ки хатари дарпешистодаро пурра эҳсос мекард ва намегузошт он дар чеҳрааш хонда шавад.

Дар назди чархбол роҳбари дастаи муҳофизон Мурод Саидов рост меистод. Нигоҳаш лаҳзае аз даромадгоҳи фурудгоҳ канда намешуд. Гоҳ ба сӯйи одамони рафтуомадкунанда менигарист, гоҳ гирду атрофи майдонро бо чашми нозукбин аз назар мегузаронд. Ҳаракати ҳар инсон, ҳар мошин ва ҳатто соя аз нигоҳаш пинҳон намемонд.

Ӯ ба гуфтугӯҳои парокандаи атрофиён аҳамият намедод. Барояш сафар кайҳо оғоз гашта буд. Дар зеҳнаш пайиҳам эҳтимолҳои гуногун чарх мезаданд: агар ҳамла шавад... агар чархболро маҷбуран ба замин шинонанд, агар...

Агарҳо зиёд буданд.

Вақт бемайлон пеш мерафт. Ақрабаки соат ба касе имкони ақиб нигоҳ кардан намедод. Ҳар дақиқаи таъхир метавонист нақшаро тағйир диҳад.

Мурод бори дигар гирди чархбол давр зад. Бо диққат ба чархҳо, парраҳо ва дарҳои кабина назар андохт. Ҳама чиз бояд бенуқсон мебуд. Ӯ назди зинапоя қарор гирифт. Нигоҳаш дубора ба сӯйи толори фурудгоҳ дӯхта шуд.

Дари толор оҳиста боз гашт. Аввал чанд нафар аз роҳбарони воломақом берун омаданд. Лаҳзае баъд Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намудор шуд. Ӯ ором, вале устувор қадам мезад. Дар роҳравӣ, нигоҳ ва чеҳрааш ҳеҷ нишоне аз дудилагӣ дида намешуд. Гӯё барояш қарор кайҳо қабул шуда ва акнун танҳо вақти иҷрои он расида аст.

Ҳамон лаҳза гуфтугӯҳои пароканда қатъ гаштанд. Касе дигар ба соат нигоҳ намекард. Ҳама нигоҳҳо ба сӯйи Президент дӯхта шуданд.

Дар чашмони баъзеҳо ҳанӯз шуълаи ночизи умед медурахшид: шояд лаҳзаи охир қарор дигар шавад, шояд сафар ба таъхир афтад, шояд роҳи дигаре пайдо гардад. Аммо бо ҳар қадаме, ки ӯ ба сӯйи чархбол мегузошт, он шуъла хомӯштар мегашт.

Ниҳоят ба ҳама равшан шуд, ки ин сафар сурат мегирад, тасмим дигар тағйир намеёбад. Ҳамон лаҳза ҳама дарк карданд, ки акнун тақдири ин рӯзро на ақрабаки соат, балки иродаи як инсон муайян мекунад.

Президент назди чархбол истод. Дида ба чеҳраҳои ҷамъомадагон давонд. Сипас, оромона ба зинапоя наздик шуд. Як қадам. Баъд қадами дигар. Дар байни зинапояҳо бозистод. Аз он баландӣ ба ҳамсафаронаш, ба ҳар қадоме, ки дудила буданду интизори қарори ниҳоӣ меистоданд, маънидорона нигарист.

Сукут ҳукмфармо гардид. Ҳатто шамол, ки то он дам домани болопӯшҳоро ба ларза меовард, гӯё аз вазидан бозмонд. Президент нигоҳи худро аз рӯйи чеҳраҳо наканда, бо овози ором, вале устувор, ки ҳар калимааш мисли амр садо медод, гуфт:

> **- ҲАР КӢ АЗ ҶОНАШ ГУЗАР ДОРАД, БО МАН БА ЧАРХБОЛ НИШИНАД!**

Касе чизе нагуфт. Эътирозе ҳам нашуд. Дигар ҳарфе дар бораи ба таъхир андохтани сафар намезаданд. Бо ҳамон як ҷумла баҳсҳо анҷом ёфтанд.

Президент бо қадамҳои ором, вале устувор аз зинапоя боло шуд ва аввалин шуда вориди чархбол гашт. Гӯё мехост бо ҳамин амалаш ба ҳамсафаронаш бифаҳмонад, ки роҳи интихобшуда дигар бозгашт надорад.

Аз паси ӯ роҳбари дастаи муҳофизон Мурод Саидов вориди чархбол шуд. Як лаҳза дар даромадгоҳ истода, ба саҳни фурудгоҳ ва ба чеҳраҳои ҳамсафаронаш нигарист. Нигоҳе кӯтоҳ, вале пурмаъно.

Ҳамсафарон яке паси дигар, хомӯш, сарҳам ба сӯйи чархболҳо қадам заданд. Касе шитоб намекард. Касе ақиб ҳам нагашт. Ҳар қадом пеш аз боло шудан ба зинапоя, бегумон, бори дигар ба саҳни фу-

рудгоҳ менигарист.

Шояд ин охирин нигоҳ ба Душанбе буд. Шояд охирин нигоҳ ба ватане, ки намедонистанд дигарбора диданаш насиб мешавад ё не.

Сайидамир Зуҳуров то лаҳзаи охир дар берун монд. Ин одати солҳои тӯлонии хизматиаш буд: фармондеҳ ҳақ надорад пеш аз мутмаин шудан аз амнияти дигарон ҷойи худро ишғол кунад.

Танҳо баъди он ки атрофро бори дигар дақиқ аз назар гузаронд ва бовар ҳосил кард, ки ҳама дар ҷойи худ қарор доранд, бо шитоб ба чархбол савор шуд. Дари чархбол баста гашт. Акнун барои ақиб гаштан роҳ намонда буд.

Муҳаррики чархбол ба кор даромад. Аввал садои пасти турбина баланд шуд. Баъд он садо пурзӯртар гардида, хомӯшии саҳарро шикаст. Шамоли сахти аз зери чархбол бархоста чанг, баргҳои хушк ва шабнами тунуки рӯйи заминро ба ҳаво печонид.

Ҳама хомӯш, ба дунёи хаёлот фурӯ рафта буданд. Сармо аз берун ба гармии нафаси одамон бархӯрда, шишаҳои чархболро хира мекард. Гӯё табиат намехост онҳо манзараҳои Душанбешаҳрро, шояд бори охир бошад, тамошо кунанд. Яке бо рӯймолча, дигаре бо остин, савумӣ бо кафи даст шишаҳоро пок мекарданд.

Ҳама мехостанд аз паси он пардаи бухор бо Тоҷикистон хайрбод гӯянд.

Чархбол оҳиста-оҳиста ба ҳаво баланд мешуд. Фурудгоҳ ақиб монд, биноҳо дар назар хурдтар метофтанд, роҳҳо ба хатҳои борик табдил меёфтанд. Ҳар қадар чархбол боло мерафт, ба ҳамон андоза захмҳои ҷанг равшантар ба назар айён мегаштанд. Роҳҳои валангор мисли доғҳои ҷароҳат бар тани кишвар нақш баста буданд. Дар канори онҳо техникаи ҳарбии сӯхтаву зангзада парешон меҳобид. Онҳо гӯё ҳанӯз фармондеҳони худро интизорӣ мекашиданд.

Дар баъзе деҳаҳо танҳо деворҳои нимсӯхта боқӣ монда буданд. Аз дудбароҳо дигар дуде боло намешуд. Оташ кайҳо хомӯш гашта буд, аммо ҳанӯз бӯйи ҷанг ба димоғ мерасид.

Кӯпруке намудор шуд, ки дигар мошине аз рӯяш намегузашт. Нисфи он фурӯ рехта, роҳи мошингардро ба пайроҳа табдил дода буд. Каме дуртар бинои Қасри фарҳанг ба назар мерасид. Танҳо чанд чӯби сӯхта ва деворҳои аз дуд сиёҳшуда аз зиндагии дирӯз шаҳодат медоданд.

Аз ин баландӣ ҷанг дигар садо надошт. Аммо осори он баландтар аз ҳама фарёд мекашид. Тоҷикистон аз осмон мисли сарбозе менамуд, ки ҷангро паси сар кардааст, вале захмҳои танаш ҳанӯз рӯй нагирифтаанд.

Президент хомӯш ба поён менигарист. Аз баландӣ танҳо роҳҳои валангор, пулҳои фурӯрафта ва хонаҳои нимсӯхта ба назар намерасиданд. Дар пеши чашмонаш як насл қарор дошт, ки ҷанг сарнавишти онро талх, орзуҳои ҳазорон ҷавонро ба хок яксон, кӯдаконро ятим, модаронро чашминтизор сохта буд.

> **ОИЛАҲО БЕСАРПАНОҲ, ДЕҲАҲО ВАЛАНГОР ГАШТА БУДАНД. ГӮЁ ИН САРЗАМИНИ ЗАХМДОР АЗ ЗЕРИ ЧАРХБОЛ САДО БАЛАНД МЕКАРД: - ТО БА КАЙ?**

Нигоҳи Президент аз тирезаи чархбол ба майдончаи назди бинои Ҳукумати ноҳияи Бохтар афтод. Майдон холӣ буд. Аз он баландӣ касе ба назар намерасид. Аммо барои ӯ он майдон холӣ набуд. Хотираҳо ҷойи одамонро гирифта буданд. Ҳамагӣ чанд рӯз пеш ӯ дар ҳамин ҷо бо сокинони ноҳия мулоқот дошт. Бори дигар ашки чашмон, чеҳраҳои хаста ва нигоҳҳои пур аз умеди онҳоро пеши назар овард. Он манзара аз нав зинда гашт. Гӯё чархбол аз болои Бохтар не, аз болои хотираҳои ӯ парвоз мекард. Миёни издиҳом пирамарде аз ҷой хест. Риши сафедаш то рӯйи сина мерасид. Заиф, нигоҳаш пурдард буд. Вай бо овози ларзон гуфт:

- Фарзандонам ҳама ба Афғонистон гуреза шуданд... Аз онҳо дигар хабаре нест...



*Дар акс: Намояндаи махсуси Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Бурҳониддини Раббонӣ, раиси ИНОТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ, вазири мудофиаи Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд, намояндаи ИНОТ Отахон Латифӣ*

Пирамард лаҳзае хомӯш монд. Пас дасти духтарчаеро, ки дар паҳлуяш меистод, гирифт. Духтарча тақрибан чорсола буд. Мӯйҳои парешонаш рӯйи пешонӣ рехта буданд. Бо чашмони калон-калони пур аз ҳайрат ба атроф менигарист. Ӯ тарс дошт, вале ҳанӯз дарк намекард, ки ҷанг аз ӯ киҳою чиҳоро рабудааст.

Пирамард бо овози гиряолуд идома дод:

- Ман навадсолаам... Медонам, ки умрам ба охир мерасад. Аз мурдан наметарсам. Мурдан ҳақ аст... Аммо аз як чиз метарсам...

Овози ӯ дигар шунида намешуд. Ӯ сарашро хам кард.

- Метарсам, ки рӯзе ҳамин духтарча танҳо часади бечони маро пайдо кунад...

Дар майдон сукут ҳукмфармо шуд. Президент оҳиста аз ҷояш бархост. Муҳофизон беихтиёр як қадам пеш гузоштанд. Ӯ бо як нигоҳ онҳоро боздошт. Ба назди духтарча рафт. Хам шуд. Бо меҳрубонӣ даст бар сари кӯдак гузошт. Духтарча сар боло кард. Нигоҳҳои онҳо ба ҳам бархӯрданд. Дар он нигоҳ на танҳо сарнавишти як кӯдак, балки дарди тамоми мардуми Тоҷикистон инъикос меёфт. Ҳамон лаҳза аз пеши назараш симои ҳазорон ҷунин кӯдакон гузашт. Кӯдаконе, ки падаронашонро аз даст дода буданд. Кӯдаконе, ки модаронашонро дигар намедиданд. Кӯдаконе, ки дар роҳҳои муҳоҷират, дар хаймаҳои гурезагон, дар ғарибӣ рӯзро шаб ва шабро рӯз мекарданд.

Гурезаҳо, қурбониён, волидони чашминтизор... мисли қатори турнаҳо як-як аз пеши назараш мегузаштанд.

Ӯ бори дигар ба чашмони духтарча нигарист. Пас ба риши сафеди рӯйи қайчӣ нодидаи пирамард. Ва дар ҳамон ҷо, бе он ки касе бишнавад, дар дил бо худ аҳд баст: «Бармегардонам... Ҳамаро бармегардонам. То охирин гурезаи тоҷикро. Ин кӯдак падару модарашро мебинад. Ин пирамард танҳо намемонад. То даме ки як тоҷик дар ғурбат аст, кори ман анҷом наёфтааст...».

Чархбол ба як тараф тоб хӯрд. Президент аз гирдоби хотираҳо берун омад ва боз аз тиреза нигарист. Дар зери чархбол киштзорҳои Колхозободу Қумсангир доман густурда буданд. Аз баландӣ заминҳои бекорхобида, ҷӯйҳои беоб ва саҳроҳои аз кишт бенасибмонда мисли захмҳои тоза дар тани водӣ ҳувайдо буданд.

Ин манзара дилашро фишурд.

Замоне ки роҳбари хоҷагӣ дар Данғара буд, бо ин ду ноҳия робитаи зичи ҳамкорӣ дошт. Ҳар ваҷаби замини ин ноҳияҳо барояш шинос буд. Он рӯзҳо дар саҳро кор меҷӯшид: тракторҳо замин шудгор мекарданд, комбайнҳо ҳосил медараваданд, деҳқонон аз субҳ то шом заҳмат мекашиданд.

Акнун ҷанг ҳамаро ба харобазор табдил дода буд.

Ӯ беихтиёр ба пеш хам шуд. Чашмонаш ёдгории таърихии Аҷинатеппаро меҷустанд. Дар ин кашмакашҳо бисёр ёдгориҳои таърихӣ аз беназмӣ тирборон шуда ва аз беэътиноӣ осеб дида буданд. Нигарон буд, ки мабодо ин ёдгории бостонӣ аз дасти ҷанг осеб надида бошад.

Дар он лаҳза ӯ на танҳо аз тақдири инсонҳо, балки аз сарнавишти миллат меандешид. Зеро ҷанг на танҳо одамон, балки хотираро ҳам мекушад. Тамаддунро ҳам. Ва миллате, ки хотираи худро аз даст медиҳад, роҳи фардои худро низ гум мекунад.

Президент оҳиста ба курсӣ такя зад. Чархбол аллакай ба рӯдхонаи Панҷи поён расида буд.

Ҳар қадар чархбол ба сарҳад наздиктар мешуд, ҳамон андоза нигоҳҳо бештар ба тирезаҳо мечаспиданд.

Дигар касе ҳарф намезад. Ҳама банди андешаҳои худ буданд.

Дар зер рӯди Панҷ ором ҷорӣ буд. Ҳамон гуна ором, ки ҳазорсолаҳо пеш ҷорӣ мешуд. Ин рӯд борҳо наъраи лашкарҳои мақдунӣ, араб ва муғулу туркро шунида, борҳо бо мавҷҳои пурталотуми худ аз хатарҳои нав мардумро огоҳ карда буд. Аммо инсон на ҳамеша гӯш ба садои рӯд медиҳад.

Ба назар менамуд, ки Панҷ танҳо оби равон аст. Аммо ҳар мавҷи он порае аз хотираи ин сарзаминро дар оғӯши худ ҳифз менамуд. Хотирае, ки инсонҳо аксаран аз ёд мебуранд, аммо рӯд ҳаргиз фаромӯш намекард.

Панҷ дар қаъри худ ганҷинаи хотираи миллатеро пос медошт, ки гарчанде борҳо шикаст хӯрд, пора гашт, вале ҳаргиз аз миён нарафт. Мавҷҳои он садои наслҳоро доштанд: нолаи модарон, хуни шаҳидон, ашки гурезагон ва орзуи бозгашти мардум ба як Ватани воҳид.

Панҷ шоҳиди зиндаи таърихи миллати тоҷик аст. Дар соҳилҳои он империяҳо хайма заданд. Наъраи лашкарҳои мақдунӣ, араб, турк ва муғул дар мавҷҳои он гум шуда буд. Он хуни ҷанговарон, ашки модарон ва фирори ҳазорҳо одамонро дида буд. Аммо захми амике, ки Панҷ дар тӯли таърих бар ҷисми худ эҳсос кард, аз шамшер не, аз хат буд. Ҳамон хати борике, ки рӯзе дастҳои сиёсатмадорон бар рӯйи харита кашиданд.

Дар як лаҳза рӯде, ки ҳазорсолаҳо ду соҳилро ба ҳам мепайваст, ба хати сарҳад табдил ёфт. Як миллат дар ду соҳил монд. Як забон, як фарҳанг, як хотира, аммо ду давлат.

Бо вуҷуди ин, Панҷ ҳеҷ гоҳ ин ҷудоиро напазируфт. Мавҷҳои он ҳамоно ҳар ду соҳилро яксон навозиш мекарданд. Боди домони он шиноснома намепурсид. Парандагон намедонистанд сарҳад чист. Онҳо ҳамоно аз як соҳил ба соҳили дигар парвоз мекарданд ва дар ҳар ду ҷониб лона мегузоштанд. Танҳо инсонҳо миёни худ девор кашиданд.

Ва акнун Панҷ шоҳиди фоҷиаи дигаре гардида буд. На ҷудоии сарҳад, балки пора гаштани дилҳо. Бародар бар зидди бародар силоҳ бардошта буд. Боварӣ ҷойи худро ба тарс дод. Нафрат дар ҷойе реша давонда буд, ки асрҳо меҳру муҳаббат ва хешутаборӣ зиндагӣ мекард. Яке дар ин соҳил монд, дигаре бо зану фарзанд ва пирони худ дар он соҳил паноҳ бурд.

Панҷ боз онҳоро аз ҳам ҷудо медид. Ва боз хомӯш ҷорӣ мешуд. Шояд аз он буд, ки медонист: ҳар деворе, ки инсон месозад, рӯзе фурӯ хоҳад рехт. Зеро рӯдҳо барои фасл кардан не, барои васл кардан офарида шудаанд.

Президент аз тиреза ба мавҷҳои рӯд менигарист. Барои ӯ Панҷ китоби кушодаи таърих буд. Китобе, ки ҳар мавҷаш саҳифае аз сарнавишти миллатро варақ мезад ва ҳар гардиши обаш гӯё оҳиста мегуфт: «Миллатеро, ки таърих аз ҳам ҷудо кард, танҳо худи фарзандони он метавонанд дубора ба ҳам пайванданд».

**(Давом дорад)**

## ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*



# ҲАСАН АСАДУЛЛОЗОДА

Раиси Шурои директорони «Ориёнбонк», молиядон, сармоягузор ва яке аз бонуфузтарин намояндагони бахши бонкии Тоҷикистон



**«ҲАСАН АСАДУЛЛОЗОДА (МАЪРУФ БО НОМИ ҲАСАН САЪДУЛЛОЕВ) ЯКЕ АЗ МАЪРУФТАРИН МОЛИЯДОНҲОИ ТОҶИКИСТОН МЕБОШАД. Ӯ РАИСИ ШУРОИ ДИРЕКТОРОНИ «ОРИЁНБОНК» - БУЗУРГТАРИН БОНКИ ХУСУСИИ КИШВАР АСТ. ЗИЁДА АЗ БИСТ СОЛ АСТ, КИ ДАР РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ, БЕҲТАР ГАРДИДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРӢ НАҚШИ НАМОЁН ДОРАД.**

### БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Ҳасан Асадуллозода фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун иқтисоддон оғоз кардааст. Дар ибтидои солҳои 2000-ум роҳбарии Биржаи универсалии молу ашёи Тоҷикистонро ба уҳда гирифт. Баъдан ба ҳайси роҳбари ширкати холдингии «Исмоили Сомонӣ - XXI аср» фаъолият намуд. Соли 2003 Раиси Шурои директорони «Ориёнбонк» интихоб гардид. Зери роҳбарии ӯ бонк ба яке аз калонтарин муассисаҳои молиявии Осиёи Марказӣ табдил ёфт.

Дар тӯли ин солҳо «Ориёнбонк» шабакаи филиалҳои худро ба таври назаррас густариш дода, технологияҳои муосири бонкиро ҷорӣ намуд ва ба яке аз сармоягузорони асосии бахшҳои саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзӣ ва савдои хориҷӣ мубаддал гардид. Бонк инчунин дар хизматрасонии ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, қарздиҳии соҳибкорӣ ва татбиқи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ нақши муҳим мебозад.

### МЕЪМОРИ БУЗУРГТАРИН БОНКИ ХУСУСИИ КИШВАР

Номи Ҳасан Асадуллозода пеш аз ҳама бо рушди «Ориёнбонк» - бузургтарин бонки хусусии Тоҷикистон пайванд дорад. Дар тӯли зиёда аз даҳсола таҳти роҳбарии ӯ бонк аз як муассисаи молиявии тиҷоратӣ ба яке аз сутунҳои асосии низоми бонкии кишвар ва такягоҳи муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёфт.

Имрӯз «Ориёнбонк» дар татбиқи бисёр лоиҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистон нақши муассир дорад. Фаъолияти он тамоми бахшҳои калидии иқтисодро фаро гирифта, маблағгузории корхонаҳои бузурги саноатӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, хизматрасонӣ ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои энергетикӣ ва нақлиёт, рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалиро дар бар мегирад.



*Ҳасан Асадуллозода бо муовини вазири корҳои хориҷии Қазоқистон Мурат Нуртлеу*

Дар солҳои охир «Ориёнбонк» ба яке аз пешсафони ҷорӣ намудани технологияҳои муосири молиявӣ низ табдил ёфта, доираи хизматрасониҳои электронии худро пайваста васеъ менамояд. Ин иқдомҳо дастрасии аҳолӣ ва соҳибкоронро ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ бамаротиб беҳтар карданд.

Яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти бонк таъмини интиқоли босуръат ва боэътимоди маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар тӯли солҳои зиёд маҳз тавассути шабакаи «Ориёнбонк» қисми назарраси маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда ба Тоҷикистон интиқол дода мешуд. Барои миллионҳо оилаи тоҷик ин маблағҳо яке аз манбаъҳои асосии таъмини рӯзгор буда, дар ниғоҳ доштани суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим бозидаанд.

Маҳз ҳамин дастовардҳо имкон доданд, ки «Ориёнбонк» имрӯз ҳамчун яке аз бонуфузтарин муассисаҳои молиявии Тоҷикистон ва минтақа шинохта шуда, номи Ҳасан Асадуллозода дар рушди низоми бонкии муосири кишвар ҷойгоҳи махсус пайдо кунад.

### ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҳасан Асадуллозода пайваста бахши молиявии Тоҷикистонро дар форумҳои байналмилалии иқтисодӣ ва ҳамоишҳои сармоягузорӣ намояндагӣ мекунад.

Ӯ борҳо дар Форуми байналмилалии иқтисодии Санкт-Петербург иштирок намуда, бо намояндагони бонкҳо, сармоягузорон ва доираҳои соҳибкории Русия мулоқот анҷом додааст.

Фаъолияти ӯ ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоя ва таҳкими робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ равона шудааст.

### САРМОЯГУЗОРӢ БА БАХШҲОИ СТРАТЕГИИ ИҚТИСОД

Ғайр аз фаъолияти бонкӣ, Ҳасан Асадуллозода дар татбиқи як қатор лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ низ саҳми назаррас дорад. Номи ӯро бо рушди якчанд бахши калидии иқтисоди Тоҷикистон, аз ҷумла меҳмонхона, амволи тиҷоратӣ, хизматрасонӣ, инфрасохтори логистикӣ ва баъзе соҳаҳои саноатӣ пайванд медиҳанд.

Сармоягузориҳои ӯ ба бунёди иншооти нав, ҷалби технологияҳои муосир, таъсиси ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва афзоиши иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат намудаанд. Ҳамзамон, рушди ин лоиҳаҳо ба зиёд шудани ҳаҷми пардохтҳои андоз, ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва беҳтар шудани муҳити соҳибкориву сармоягузорӣ таъсири мусбат расонидааст.

Бо чунин фаъолияти сармоягузорӣ Ҳасан Асадуллозода худро на танҳо ҳамчун бонкдори муваффақ, балки ҳамчун яке аз сармоягузорони фаъоли иқтисоди миллӣ муаррифӣ кардааст.

### ЧАРО БА САФИ БОНУФУЗТАРИН ТОҶИКОНИ РУСИЯ ВА ИДМ ДОХИЛ МЕШАВАД?

Гарчанде Ҳасан Асадуллозода мустақиман дар Русия соҳибкории бузург надорад, нуфузи ӯ аз марзҳои Тоҷикистон фаротар меравад.

Тавассути низоми молиявии «Ориёнбонк» ҳаҷми назарраси ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, ки дар Русия фаъолият мекунанд, амалӣ мегардад. Ин ҳолат бонки таҳти роҳбарии ӯро ба яке аз муҳимтарин пулҳои молиявии байни Тоҷикистон ва Русия табдил додааст.

Ҳамзамон, иштироки ӯ дар форумҳои байналмилалии иқтисодӣ ва ҳамкориаш бо доираҳои молиявию соҳибкории Русия ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузории байни ду кишвар мусоидат мекунад.

Маҳз маҷмуи таҷрибаи молиявӣ, иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, фаъолияти фаъоли байналмилалӣ ва роҳбарии чандинсолаи бузургтарин бонки кишвар имкон медиҳад, ки Ҳасан Асадуллозода яке аз бонуфузтарин чеҳраҳои иқтисоди муосири Тоҷикистон арзёбӣ гардад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# АЗ ҲОҶИТАЛБОН ТО ХАТНАСУР

## нақзи қонуни танзим дар ним сол




# ТОҶИКСТАНДАРТ 1,1 МИЛЛИОН КГ МАҲСУЛОТИ ПАСТСИФАТ ОШКОР КАРД

**Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (“Тоҷикстандарт”) хабар додааст, ки дар давраи ҳисоботӣ дар кишвар 1 миллиону 164 ҳазору 596 килограмм маҳсулоти гуногуни пастсифат ба қайд гирифта шудааст.**



Дар нишасти матбуотии ин ниҳод гуфта шуд, ки дар озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯйи сифат ва бехатарӣ 3590 килограмм маҳсулоти гӯштӣ, 54 ҳазору 522 килограмм равғани растанӣ, 91 ҳазору 500 килограмм орд, 13 ҳазору 596 килограмм маҳсулоти ғалладонагӣ, 30 ҳазору 861 килограмм консерва, 1306 литр нӯшокиҳои спиртӣ, 13 ҳазору 480 литр нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, 4943 килограмм маҳсулоти қаннодӣ, 55 ҳазору 786 килограмм намак ва дигар маҳсулот ғайристандартӣ арзёбӣ шудаанд.

Масъулони Агентӣ ҳамчунин, иттилоъ доданд, ки дар шаш моҳи сипаришуда соҳибкорон 619 ҳазору 409 килограмм маҳсулоти гуногуни хӯрокворecho муҳлати истифодаашон гузаштаро ба анборҳои нигоҳдории Агентӣ супурдаанд.

Дар идома зикр гардид, ки аз аввали соли равон дар маҷмуъ 121 ҳазору 460,2 тонна маҳсулот аз ташхиси сертификатсионӣ гузаронида шудааст.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар 6 моҳи аввали соли 2026 дар Тоҷикистон 546 мавриди ҷинояткорӣ аз ҷониби занон сабт шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 22 маврид бештар мебошад.**



Дар ин бора имрӯз, 15-уми июл **Бунафша Файзиддинзода,** раиси Кумитаи кор бо занон ва оила зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Бештарин ҷинояте, ки аз сӯйи занон содир шудааст, монеъ шудан ба таҳсили кӯдаконашон будааст, ки 154 мавридро ташкил додааст. Ғайр аз ин, ҷиноятҳои дигаре, ки миёни занон бештар содир шудааст, қаллобӣ, дуздӣ ва исрофкорӣ ё азхудкунии амвол будааст.

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 дар Тоҷикистон 2 тоннаву 963 килограмм маводи нашъадор мусодира гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 143 килограмм ё тақрибан 5 дарсад камтар мебошад.**



Дар ин бора **Зафар Самад,** директори Агентии мубориза бо маводи мухаддири кишвар зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки дар нимсолаи аввал дар Тоҷикистон 11 ҳазору 731 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта камтар мебошад. Дар нимсолаи аввали соли 2025 дар кишвар 13 ҳазору 89 ҷиноят сабт шуда буд.

**Дар шаш моҳи соли равон 611 муассисаи таълимӣ аз аттестатсия гузаронида шудаанд. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ Муҳаммадтоҳир Саидзода, директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм иттилоъ дод.**



Ӯ гуфт, ки аз ин шумора 36 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 6 муассисаи таълимии томактабӣ, 23 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 4 муассисаи таҳсилоти иловагӣ, 2 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 1 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бинобар сабаби пурра ба талаботи меъёрӣ мутобиқат накардан аз аттестатсияи давлатӣ шартан гузаронида шудаанд. Иброз гардид, ки аттестатсияи такрории онҳо давоми ду соли минбаъда муқаррар шудааст.

# 5 ХАТАР

## ки дар гармои тобистон ба саломатии шумо таҳдид мекунанд



**Тобистонро аксарият фасли фароғат, саёҳат ва лаззат бурдан аз неъматҳои табиат медонанд. Дар ин айём бозорҳо аз меваю сабзавоти тару тоза пур мешаванд, кӯлу дарёҳо меҳмонони зиёд пайдо мекунанд ва одамон бештар вақти худро дар ҳавои кушод мегузаронанд. Аммо маҳз дар ҳамин фасл табибон афзоиши бемориҳои мавсимиро мушоҳида мекунанд. Гармии ҳаво, риоя накардани қоидаҳои беҳдошт, истифодаи ғизои вайроншуда ва таъсири мустақими офтоб ҳар сол ҳазорон нафарро ба муассисаҳои тиббӣ мекашонад. Огоҳӣ аз чунин хатарҳо ва риояи тавсияҳои одӣ метавонад саломатии ҳар як аъзои оиларо ҳифз намояд.**

### ДУШМАНИ НОАЁН ДАР ДАСТАРХОН

Тобистон барои афзоиши микробҳо шароити беҳтарин фароҳам меорад. Маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, моҳӣ, яхмос ва ҳатто баъзе шириниҳо дар ҳарорати баланд зуд вайрон мешаванд. Истеъмоли чунин ғизо метавонад боиси заҳролудшавии шадиди организм гардад.

Нишонаҳои аввалини беморӣ аксаран бо дарди шикам, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, дарунравӣ, баланд шудани ҳарорати бадан ва беҳолӣ оғоз мешаванд. Агар ба кӯдакон ё пиронсолон чунин ҳолат рӯй диҳад, беобшавии организм метавонад дар муддати кӯтоҳ вазъи онҳоро вазнин намояд.

**Чӣ бояд кард?**

Пеш аз истеъмол меваю сабзавотро бодиққат бишӯед, аз маҳсулоти муҳлаташон гузашта истифода набаред ва ғизои зудвайроншавандаро берун аз яхдон муддати зиёд нигоҳ надоред. Дар сурати идома ёфтани қайкунӣ ё дарунравӣ ҳатман ба духтур муроҷиат намоед.

### ВАҚТЕ ОРГАНИЗМ АЗ ОБ МАҲРУМ МЕШАВАД

Дар гармии тобистон бадан барои танзими ҳарорат араќи зиёд хориҷ мекунад. Агар инсон моеъи аздастрафтаро сари вақт ҷуброн накунад, беобшавии организм ба вуҷуд меояд.

Ташнагии зиёд, хушк шудани даҳон, чарх задани сар, сустӣ, паст шудани фишори хун ва ҳатто беҳушшавӣ аз нишонаҳои маъмули ин ҳолат мебошанд. Хавфи беобшавӣ бештар ба кӯдакон, пиронсолон ва шахсоне таҳдид мекунад, ки дар ҳавои кушод фаъолият доранд.

**Чӣ бояд кард?**

Дар давоми рӯз мунтазам оби тоза бинӯшед. Интизор нашавед, ки танҳо ҳангоми ташнагии шадид об нӯшед. Дар рӯзҳои хеле гарм аз фаъолияти ҷисмонии вазнин дар зери офтоб худдорӣ намоед.

### ГАЗИДАНИ ҲАШАРОТ

Тобистон мавсими фаъоли хомӯшакҳо, занбӯрҳо, канаҳо ва дигар ҳашарот мебошад. Дар аксари мавридҳо газидани онҳо танҳо бо сурхшавӣ ва хориши пӯст маҳдуд мешавад, вале баъзан аксуламали аллергии шадид метавонад ба вуҷуд ояд. Агар баъди газидани ҳашарот нафаскашӣ душвор гардад, рӯй ё гардан варам кунад, дил тез-тез тапад ё шахс аз хуш равад, дар ин ҳолат ба кумаки фаврии тиббӣ ниёз ҳаст.

**Чӣ бояд кард?**

Ҳангоми сафар ба табиат аз воситаҳои муҳофизатӣ истифода баред ва либоси пӯшида ба бар кунед. Канаҳоро бо даст кандан ё фишурдан мумкин нест. Барои гирифтани онҳо беҳтар аст ба муассисаи тиббӣ муроҷиат шавад.

### ОФТОБ: ДӮСТ Ё ДУШМАН?

Нурҳои офтоб барои ҳосил шудани витамини D заруранд, вале зиёдатии онҳо метавонад ба саломатӣ зарари ҷиддӣ расонад. Сӯхтани пӯст, баланд шудани ҳарорати бадан, дарди сар ва ҳатто офтобзадагӣ аз оқибатҳои тӯлонӣ зери офтоб қарор гирифтан мебошанд.

Кӯдакон ва пиронсолон нисбат ба гармии шадид ҳассостаранд ва зудтар метавонанд ба офтобзадагӣ гирифтор шаванд.

**Чӣ бояд кард?**

Аз соати 11:00 то 16:00 дар офтоби мустақим зиёд нагардед. Кулоҳ, айнаки офтобӣ ва либоси ранги равшан пӯшед. Барои муҳофизати пӯст аз кремҳои махсус истифода бурдан низ тавсия дода мешавад.

### ОББОЗИИ НОДУРУСТ ҲАМ БЕМОРӢ МЕОРАД

Оббозӣ яке аз лаззатбахштарин машғулиятҳои тобистона аст, аммо дар обҳои ифлос ё ҳавзҳои ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ набуда шино кардан метавонад сабаби бемориҳои сироятӣ гардад.

Илова бар ин, ворид шудани об ба гӯш баъзан илтиҳоби роҳи берунии гӯшро ба вуҷуд меорад. Дарди гӯш, хориш ва паст шудани шунавоӣ аз нишонаҳои маъмули он мебошанд.

**Чӣ бояд кард?**

Танҳо дар ҷойҳои барои оббозӣ иҷозатдодашуда шино кунед. Пас аз оббозӣ гӯшҳоро бо дастмоли тоза хушк намоед ва дар сурати пайдо шудани дарди гӯш ба духтур муроҷиат кунед.

### 5 МАСЛИҲАТИ ТИЛОӢ БАРОИ ТОБИСТОНИ СОЛИМ

1. Обро фаромӯш накунед. Дар гармии тобистон ҳар рӯз на камтар аз 2-2,5 литр оби тоза бинӯшед (агар духтур маҳдудият таъйин накарда бошад).
2. Танҳо ғизои тоза истеъмол кунед. Меваю сабзавотро хуб шуста, аз харидани маҳсулоти зудвайроншаванда дар ҷойҳои ғайрирасмӣ худдорӣ намоед.
3. Аз офтоб худро муҳофизат кунед. Кулоҳ, айнак ва либоси сабук пӯшед ва дар гармтарин соатҳои рӯз дар соя бошед.
4. Аз газидани ҳашарот эҳтиёт кунед. Ҳангоми истироҳат дар табиат аз воситаҳои муҳофизатӣ истифода баред ва кӯдаконро беназорат нагузоред.
5. Худтабобат накунед. Агар таб, қайкунӣ, дарунравӣ, беҳушӣ ё дигар нишонаҳои хавфнок пайдо шаванд, ҳарчи зудтар ба духтур муроҷиат кунед.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ин ҳафта барои шумо давраи пур аз имкониятҳои нав хоҳад буд. Агар бо сабру таҳаммул амал кунед, натиҷаи хуб ба даст меоред. Аз хароҷоти беҳуда худдорӣ намоед. Дар муносибатҳои оилавӣ самимият муҳим аст.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ин ҳафта эҳсосотатон қавитар мегардад. Кӯшиш кунед қарорҳоро бо ақл қабул намоед, на бо ҳиссиёт. Дар касбу кор имкони пешрафт пайдо мешавад, агар масъулиятшинос бошед. Аз баҳсҳои беҳуда дурӣ ҷӯед. Дар оила хабарҳои хуш эҳтимол доранд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ин ҳафта имкони ҳалли мушкиле, ки дер боз шуморо нигарон мекард, пайдо мешавад. Дар касбу кор ҳамкорӣ бо дигарон натиҷаи хуб медиҳад. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед. Муносибатҳои оилавӣ бо меҳрубонӣ ва фаҳмиш мустаҳкам мешаванд.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ҳафта бо масъулиятҳои зиёд оғоз мешавад, вале заҳмати шумо беҳуда намеравад. Имкони пешрафти касбӣ вуҷуд дорад. Дар масъалаҳои пулӣ сарфакориро риоя кунед. Дар хона аз баҳсҳои ночиз канорагирӣ намоед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ин ҳафта оромиву субот ҳамроҳи шумо хоҳад буд. Корҳои нотамомро ба анҷом расонидан осон мегардад. Имкони гирифтани даромади иловагӣ низ вуҷуд дорад, аммо дар хароҷот эҳтиёткор бошед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ин ҳафта эътимоди шумо ба худ бештар мешавад. Барои оғоз кардани кори нав вақти муносиб аст. Даромади молиявӣ метавонад афзоиш ёбад, вале беҳтараш маблағро оқилона сарф кунед. Дар муносибатҳои ошиқона лаҳзаҳои гуворо интизоранд.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ҳафта аз шумо сабру таҳаммул талаб мекунад. Шитобкорӣ метавонад боиси иштибоҳ гардад. Дар касбу кор имкони нишон додани қобилиятҳои худ пайдо мешавад. Даромади ғайричашмдошт низ эҳтимол дорад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ин ҳафта ғояҳои нав ба шумо илҳом мебахшанд. Барои амалӣ кардани онҳо аз кумаки дӯстону ҳамкорон истифода баред. Дар масъалаҳои молиявӣ аз таваккали зиёд худдорӣ намоед. Муносибатҳои ошиқона гармтар мегарданд.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ҳафта барои мулоқотҳо ва гуфтушунидҳои муҳим мусоид аст. Фикру пешниҳодҳои шумо аз ҷониби дигарон дастгирӣ меёбанд. Дар масъалаҳои молиявӣ шитоб накунед ва пеш аз қабули қарор ҳама паҳлуҳоро баррасӣ кунед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафта барои тартиб додани нақшаҳои оянда мувофиқ аст. Дар касбу кор диққат ба ҷузъиёт ба шумо муваффақият меорад. Аз қарз гирифтан ё хариди калон худдорӣ кунед. Дар хона фазои оромро нигоҳ доред ва ба наздикон бештар вақт ҷудо намоед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ин ҳафта барои сафар, омӯзиш ва пайдо кардани таҷрибаи нав мусоид аст. Дар кор пешниҳодҳои ҷолиб хоҳед гирифт. Пеш аз сармоягузорӣ ё хариди калон хуб андеша кунед. Дар муносибатҳои оилавӣ дастгирии наздикон рӯҳбаландатон мекунад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ин ҳафта вақти муносиб барои ҷамъбасти корҳои пешина ва омодагӣ ба нақшаҳои нав аст. Дар кор меҳнати шумо қадр карда мешавад. Аз баҳсҳои беҳуда канорагирӣ кунед ва ба суханони дигарон бодиққат гӯш диҳед. Дар муҳити оилавӣ оромӣ ҳукмфармо мегардад.

# АЗ АШТ ТО ҚОШҒАР

## рӯзгори сарлашкари тоҷик Эшонхон ибни Муҳаммадризо

**ТАЪРИХИ МИЛЛАТИ ТОҶИК ПУР АЗ ШАХСИЯТҲОЕ МЕБОШАД, КИ БО ШУҶОАТ, ХИРАД, ИЛМУ МАЪРИФАТ ВА ХИЗМАТҲОИ АРЗАНДАИ ХУД ДАР САРНАВИШТИ МАРДУМОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ НАҚШИ МУҲИМ ГУЗОШТААНД. БО ВУҶУДИ ИН, НОМИ БАРХЕ АЗ ИН ФАРЗАНДОНИ ФАРЗОНА БО ГУЗАШТИ ЗАМОН КАМТАР МАВРИДИ ТАҲҚИҚ ҚАРОР ГИРИФТААСТ.**



Яке аз чунин чеҳраҳои таърихӣ Эшонхон ибни Муҳаммадризо мебошад - сарлашкар, сайёҳ, дипломати тоҷик ва ҳамсафари содиқи Ёқуббеки Бодавлат, ки дар рӯйдодҳои муҳими сиёсию низомии нимаи дуюми асри XIX нақши назаррас доштааст.

Эшонхон ибни Муҳаммадризо дар нимаи аввали асри XIX дар Ашт ба дунё омадааст. Таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, сипас барои идомаи таҳсил ба мадрасаҳои машҳури Бухоро ва Хӯқанд рафта, улуми динӣ, адабӣ ва фанҳои замонаширо фаро гирифтааст. Илму дониши амиқ, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати ӯ сабаб гардид, ки ба муҳити ҳарбии Хонигарии Хӯқанд ворид шуда, дар хизмати давлатӣ ва низомӣ фаъолият намояд.

Дар солҳои баъдӣ Эшонхон дар ҷангҳои футуҳотии хонигарии Хӯқанд, дар низоъҳои байни аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд ва ҳамчунин дар муҳорибаҳои байни Русияи подшоҳӣ ва Хӯқанд иштирок намуда, ҳамчун фармондеҳи далер ва кордон шуҳрат пайдо кард.

Моҳи октябри соли 1864 ӯ ҳамроҳи Ёқуббеки Бодавлат ба Қошғар сафар намуд. Дар он айём мардуми Туркистони Шарқӣ бар зидди ҳукмронии сулолаи Тсин мубориза мебурданд. Эшонхон дар ин ҷангҳо фаъолона ширкат варзида, дар ташкили нерӯҳои ҳарбӣ ва пирӯзиҳои аввалин саҳми арзанда гузошт.

Бо таъсиси Давлати Ҳафтшаҳр, Эшонхон ба яке аз сарлашкарони боэътимоди Ёқуббеки Бодавлат табдил ёфт. Соли 1870 ӯ дар амалиёти муҳими забти Урумчӣ иштирок намуда, роҳбарии бахше аз лашкаро бар уҳда дошт. Ин пирӯзӣ мавқеи Давлати Ҳафтшаҳрро дар минтақа таҳким бахшид.

Соли 1875 бо супориши Ёқуббеки Бодавлат Эшонхон ҳамчун сафири давлатӣ ба Пекин фиристода шуд. Ин сафорат яке аз муҳимтарин рисолатҳои дипломатии давлати Ҳафтшаҳр ба ҳисоб мерафт. Интихоби ӯ ба чунин вазифаи пурмасъулият далели эътимоди баланди Ёқуббек ба дониш, таҷриба ва маҳорати дипломатии Эшонхон буд.

Ёқуббеки Бодавлат аз чеҳраҳои маъруфи таърихи Туркистони Шарқӣ маҳсуб мешавад. Ӯ солҳои 1865-1877 шаҳрҳои Қошғар, Ёрканд, Хотан, Аксу, Кӯча ва дигар минтақаҳоро муттаҳид намуда, Давлати Ҳафтшаҳрро бунёд гузошт. Ин давлат бо империяи Усмонӣ, Британияи Кабир ва Русия робитаҳои сиёсӣ барқарор намуда буд. Аммо солҳои 1877-1878 нерӯҳои сулолаи Тсин Туркистони Шарқиро дубора ишғол карда, ба мавҷудияти Давлати Ҳафтшаҳр хотима бахшиданд.

Пас аз сукути Давлати Ҳафтшаҳр соли 1878 Эшонхон ба зодгоҳи худ Ашт баргашт. Ӯ ба ҳайси қозии волости Ашт фаъолият намуда, то охири умри худ бо адолат ва дониш ба мардум хизмат кард.

Эшонхон ибни Муҳаммадризо соли 1924 дар Ашт аз олам даргузашт. Аз ӯ китобхонаи нодир ва гаронбаҳои илмӣ боқӣ мондааст, ки то имрӯз дар дасти пайвандонаш нигоҳдорӣ мешавад. Ин китобхона мероси пуркимати илмиву фарҳангӣ буда, метавонад барои омӯзиши таърихи Ашт, Хӯқанд ва Туркистони Шарқӣ сарчашмаи муҳим гардад.

Рӯзгори Эшонхон ибни Муҳаммадризо аз Ашт то Қошғар роҳи пуршарафи як фарзанди тоҷикро таҷассум мекунад, ки бо шамшер аз адолат ҳимоят намуд, бо хирад дар арсаи дипломатия хизмат кард ва бо китобу дониш мероси гаронбаҳо аз худ боқӣ гузошт.

Ӯ аз ҷумлаи шахсиятҳои камшинохтаи таърихи тоҷикон аст, ки хизматҳояш дар таҳкими давлатдорӣ, ҳарб ва дипломатияи минтақа сазовори омӯзиши амиқ ва арҷгузории бештар мебошад.

Зиндагиномаи ӯ на танҳо бахше аз таърихи Ашт, балки саҳифаи муҳими таърихи тоҷикон ва тамоми Осиёи Марказӣ аст.

**Бахтовар ТЕМИРЗОДА,**
**муаррих**

# СИПОСГУЗОРӢ АЗ ҚАДРШИНОСӢ

**Рӯзи кормандони суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1-уми июли соли равон барои кормандони Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ дар н. Деваштич хеле хотирмон ва фаромӯшношуданӣ гашт, зеро бори аввал бо иқдоми директори Раёсати Агентии ҷумҳурӣ, марди шарифу кордон ва ғамхори аҳли меҳнат Ҳалимзод Абдураҳмон ин рӯз бошукӯҳ таҷлил гардид.**




Дар сафи кормандони кордидаю меҳнатдӯст заҳмати беш аз 40-солаи фаъолияти кории маро дар Агентии ноҳиявӣ бо Сипоснома қадрдонӣ карданд ва аз ин ҳурмату эҳтиром ва меҳрубонии сарварамон шоду масрур гаштам. Зеро ин қадрдонӣ дар рӯзҳое ба вуқӯъ пайваст, ки мардуми шарифи ҷумҳурии соҳибистиқлол ба 35-солагии ҷашни миллат омода мешаванд ва он бароям таърихӣ гашт.

Меҳоҳам барои чунин қадрдонӣ ба сарвари мухтарам Ҳалимзод Абдураҳмон, ҷомеаи аҳлу тифоқи Агентии ҷумҳуриявӣ изҳори сипос намоям.

**Гулбаҳор ҲОТАМОВА,**
**корманди Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи н. Деваштич**

## МАВЛУДНОМА

### 16 ИЮЛ

**Мукаррама Ғозиева** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Хосият Қодирова** (1916-1974), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 17 ИЮЛ

**Иброҳим Исмоилов** (1901-1938), 125-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Мавлонҷон Исмоилов** (1941), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

**Ҷамшед Раҳматов** (1941), 85-солагии зодрӯзи кинодраматург, муҳаррир.

**Усмон Холдоров** (1936-1996), 90-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

### 18 ИЮЛ

**Борис Лукин** (1906-1987), 120-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Мухтор Саидов** (1896-1964), 130-солагии зодрӯзи аввалин инженери маълумоти олидори тоҷик (соҳаи коркарди нафт).

### 19 ИЮЛ

**Пётр Жилин** (1921-1987), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

**Айниддин Қурбонов** (Гадозода) (1946), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

**Саид Қурбонов** (1896-1987), 130-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 20 ИЮЛ

**Саломат Қобилова** (1941), 85-солагии зодрӯзи сароянда.

**Урунбой Орифов** (1941), 85-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Муҳиддин Раҳимов** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Ҷумъахон Футуров** (1951), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Миралӣ Шодиев** (1926), 100-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

### 21 ИЮЛ

**Владимир Мелкумов** (1926-1988), 100-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Битоҳира Мирашӯрова** (1921), 105-солагии зодрӯзи кирмакпарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 22 ИЮЛ

**Абдураззоқ Абдувалиев** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Абдунабӣ Сабуров** (1966), 60-солагии зодрӯзи муаррих.

**Муҳаррам Мирзобобоева** (1926), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
(+992) **93 111 08 87**

## НИЁЗ ДОРЕМ

Ба кор ошпази мард қабул карда мешавад. Ҷойи кор: бӯстонсаро дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар соҳили об. Талабот: таҷрибаи корӣ дар пухтани таомҳои миллӣ; қобилияти омода намудани сихкабоб, қазонкабоб, дамлама, моҳии бирён ва дигар таомҳои лазиз; тозакорӣ, масъулиятшиносӣ ва одоби муошират. Шароити кор: маош - шартномавӣ (бо мувофиқа); ҷойи кори хуб ва шароити муносиб таъмин карда мешавад. Шахсони ҳавасманд метавонанд барои маълумоти иловагӣ тамос гиранд. Тел.: 93-905-95-30, 90-702-00-44

Ба хушкашӯӣ (химчистка) дар тарабхона фавран администратор, ошпаз, сарошпаз лозим аст. Тел.: 917-653-653

## ТАЪМИРИ ХОНА

Таъмири хона. Нархи миёна. Босифат. Тел.: 904-03-91-24

Усто барои бетонрезӣ, сақф (кровля), зинапоя, сақф (пол), фарш (потолок). Тел.: 900-446-449

## ТАЪМИРИ ТАҶҲИЗОТИ ТЕХНИКӢ

Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

## ГУНОГУН

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

Дастгоҳи "Фрейзер", дар ҳолати беҳтарин қарор дорад. Нарх 12 000 сомонӣ. Боз муомила дорад. Телефон барои тамос: 917-33-15-64

## МЕХАРАМ

Либосҳои истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хоб мехарам. Тел.: 908-06-60-00

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, тангаҳо, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Либосҳои истифодашудаи мардона, занона, кӯдакона, матоъҳои дуруст, кашта, зарф, курпа, курпача, бозичаҳо, асбобҳои техникии рӯзгор мехарам. Тел.: 917-40-42-49, 000-65-79-79

Зарф, қолин, флягҳо, асбобҳои шуравӣ, танга ва ғайраҳоро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи №1Ш-1518 аз 04.12.2020, ба номи Девонаев Бузургмехр Мухриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 108, ҳ. 81, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, феҳристи №14264, ба номи Девонаев Бузургмехр Мухриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 108, ҳ. 81, аз санаи 26.01.2015, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Холова Буригул, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Лоҳур, деҳаи Қосимобод 48, аз соли 1989, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Ҳақбердиева Моҳира Мировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Шевченко 34, ҳ. 27, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №35369, аз санаи 10.12.2020, ба номи Девонаев Бузургмехр Мухриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 108, ҳ. 81, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ, рақами қайд №21768, ба номи Носиров Давлатшо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Ғуломов 29, ҳ. 144, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Журавкова Людмила Калиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский 44, ҳ. 24, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Назаров Муҳриддин, РЯМ: 0730238548, РМА: 076024764, санаи таъсис 08.08.2024, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот аз 08.01.2024, тахти феҳристи №9-115, байни Зарифов Далер Машрабович ва Ҳақбердиева Моҳира Мировна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Шевченко 34, ҳ. 27, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, №5Ш-168, аз 11.05.2016, ба номи Холов Бахтиёр Ҳошимҷонович, бо суроғаи ш. Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ориён, д. Шарафобод, хонаи б/р, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Ҳисор ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №17780, ба номи Холов Бахтиёр Ҳошимҷонович, бо суроғаи ш. Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ориён, д. Шарафобод, аз санаи 18.03.2016, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №51107, аз 15.10.2021, ба номи Носирова Тахмина Давлатшоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Ғуломов 29, ҳ. 144, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳадяи квартира тахти феҳристи №8Ш1-1564, аз 11.10.2021, ба номи Носирова Тахмина Давлатшоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Ғуломов 29, ҳ. 144, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1321638, ба номи Аҳмадшоев Рустам Парвизович, ки соли 2025 аз ҷониби Гимназияи №74-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯш дар реестри №8Д-3814, аз санаи 13.08.1997, ба номи Ғиёсов Раҳмудин Ниёзович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский 19, ҳ. 33, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҷубронии бартарафсозии хонаи истиқоматӣ тахти феҳрасти рақами 1/2н/2022-4-8305, аз 26.08.2022, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Талбакова Баргигул Хоҷаибрагимовна тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Каримов Абдураим, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи А. Наҷмиддин 12, гузаргоҳи 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Юсупов Абдувоҳид Валимардонович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Қиблай, деҳаи Чавалай, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Васиятнома тахти феҳрасти рақами 28ғ-133, аз 15.01.2010, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Бобиев Фаридун Музафарович тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ГУМШУДА

Шиносномаи хориҷии шаҳрванди Тоҷикистон, 402200996, ба номи Шарипов Усмон Ахлидинович, 26.07.2018, гум шудааст. Нафаре, ки онро пайдо кардааст, хоҳишмандем, бар ивази мукофотпулӣ баргардонед. Тел.: 111-41-41-51

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Ризо 2014", РМА: 330014253, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Соҳибкори инфиродӣ Дехконов Фатхудин, РМА: 335193624, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**БОКС**

# ДУ МЕДАЛИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

**Дар Ҷакартаи Индонезия Чемпионати бокси Осиё байни варзишгарони синну соли то 19 ва то 23-сола идома дорад. Рӯзи нуҳуми мусобиқа, 13-уми июл ба дастаи Тоҷикистон ду нишон овард, ки ҳарду биринҷӣ буданд.**






Фариноз Абдуллоева, ки дастаи Тоҷикистонро дар вазни 54 кг дар байни то 19-солаҳо намояндагӣ мекард, ба нимниҳоӣ баромад ва дар он ҷо аз Сабрина Чакоманова аз Ӯзбекистон мағлуб шуд. Бо вуҷуди шикаст, Абдуллоева нишони биринҷӣ ба даст овард, ки аввалин нишони Тоҷикистон дар ин чемпионат аст.

Абдуллоева дар аввалин мусобиқаи худ Ширин Турсалиеваро аз Қирғизистон мағлуб кард. Доварон якдилона пирӯзиро ба варзишгари тоҷик бо ҳисоби 5-0 доданд. Ин пирӯзӣ ба Абдуллоева имкон дод, ки ба нимниҳоӣ роҳ ёбад.

Дар ҳамон рӯз намояндаи дигари дастаи мо Хоҷамуъминҷон Холов низ ба ринг баромад. Дар вазни 80 кг дар байни ҷавонон ӯ ба нимниҳоӣ баромад ва дар он ҷо бо муштзани қазоқистонӣ Тимур Тайбеков рӯ ба рӯ шуд. Варзишгари тоҷик дар он рақобат шикаст хӯрд, аммо дар ниҳоят нишони биринҷӣ ба даст овард.

Ҳамин тавр, дастаи Тоҷикистон холо дар чемпионати қитъавӣ ду ҷоиза дорад, ки ҳарду дар байни то 19-солаҳо ба даст оварда шудаанд.

**ҶУДО**

# ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶУДОИ ОСИЁ

**Рӯзҳои 18-19-уми июл дар Уммон (Урдун) яке аз мусобиқаҳои асосии минтақавии мавсим - Чемпионати ҷудои Осиё байни наврасон (Asian Junior Championships Individuals 2026) баргузор мешавад, ки дар он ҷудокорони тоҷик ширкат хоҳанд кард.**



Дар мусобиқа иштироки ҷудокорони ҷавони Осиё дар назар буда, марҳилаи муҳими омодагӣ ба Чемпионати ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 9 ҷудокор намояндагӣ мекунанд. Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон ҷудокорон Икром Шамсов, Рамзиддин Азизов (ҳарду 60 кг), Ёсин Бобокалонов, Муҳаммадрофеи Ҳабибулло (ҳарду 66 кг), Ворис Назаров, Муҳаммадин Лоиқов (ҳарду 73 кг), Аминҷон Абдуҷализода, Абдулло Лоиқов (ҳарду 81 кг), Ардашер Ҳамза (90 кг) шомиланд. Дар мусобиқа ширкати намояндагони пуркуваттарини мактабҳои пешрафтаи кора - Ҷопон, Курияи Ҷанубӣ, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Муғулистон, Чин ва дигар кишварҳо дар назар аст. Бино ба маълумоти Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) ин мусобиқа ҳудуди бист дастаи мунтахаби кораи Осиёро гирдиҳам меорад.

**ФУТБОЛ**

# ШИКАСТ ВА ПИРӮЗИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАСҚАТ

**Дастаи мунтахаби ҷавонони футболбозӣ то 20-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Рустам Ҳоҷаев дар доираи машқҳои тамринӣ дар Масқат ду бозии дӯстона бо ҳамтоёни худ аз Уммон анҷом дод.**



Бозии аввалини дӯстона, ки 9-уми июл баргузор шуд, бо шикаст бо натиҷаи 1:2 барои дастаи Тоҷикистон анҷом ёфт. Аҳмадҷон Шоев ягона голи дастаи Тоҷикистонро зад. Аммо дар бозии дуюм, ки 12-уми июл дар Масқат баргузор шуд, дастаи ҷавонони то 20-солаи Тоҷикистон тавонист интиқом гирад ва бо ҳисоби 2-1 пирӯз шавад. Голҳоро Зариф Зарифзода ва Азизбек Муродов заданд. Ин бозиҳои дӯстона як қадами муҳим дар омодагии даста ба мусобиқаи интихобии AFC U-20 дар соли 2027 ба ҳисоб мераванд. Бозиҳои интихобӣ аз 31-уми август то 6-уми сентябр дар Баҳрайн баргузор мешаванд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи D бо Баҳрайн (31-уми август), Афғонистон (3-юми сентябр) ва Урдун (6-уми сентябр) бозӣ хоҳад кард.

**ФУТБОЛИ ЗАНОНА**

# ҲИСОР: ЧЕМПИОНАТИ CAFA МИЁНИ ДАСТАҲОИ МУНТАХАБИ ЗАНОНА

**Аз 21 то 25-уми июл дар шаҳри Ҳисор чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) миёни дастаҳои мунтахаби занонаи то 20-сола баргузор мешавад.**

Дар мусобиқа мунтахабҳои Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон иштирок хоҳанд кард. Бозиҳо аз рӯйи низоми даврӣ дар як марҳила баргузор шуда, ҳар як даста се вохӯрӣ анҷом медиҳад. Ҳамаи рақобатҳо дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор доир мегарданд. Дастае, ки бештар аз ҳама имтиёз ҷамъ мекунад, соҳиби унвони қаҳрамонӣ мешавад. Барои мунтахаби занонаи Тоҷикистон (U-20) ин чемпионат яке аз марҳилаҳои муҳими омодагӣ ба мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2028 ба ҳисоб меравад, ки аз 28-уми август то 5-уми сентябри соли оянда баргузор хоҳад шуд.




**РЕЗААХБОР**



Собиқ чемпиони UFC дар ду вазн Конор Макгрегор бо вуҷуди шикаст дар муҳориба бо Макс Холлоуэй дар UFC 329, ки дар Лас-Вегаси ИМА баргузор шуд, 30 миллион доллар даромад ба даст овард. Ин набард хеле кӯтоҳ давом кард. Ҳамагӣ пас аз 69 сония, пас аз осеб дидани пойи Конор Макгрегор, довар муҳорибаро қатъ карда, пирӯзии Макс Холлоуэйро бо нокаути техникӣ эълон кард.

***

Президенти FIFA Ҷаннӣ Инфантино тасдиқ кард, ки созмон имкони афзоиш додани шумораи ширкаткунандагони Ҷоми ҷаҳонро аз 48 ба 64 даста баррасӣ мекунад. Дар сурати қабул шудани ин пешниҳод, ба мусобиқа 16 мунтахаби дигар роҳ мёбанд. Ҷоми ҷаҳонии соли 2030 қарор аст дар 6 кишвар ва 3 қитъа баргузор шавад.

***

Нимҳимоятгари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Алишер Шукуров ба ҳайати дастаи «Истиқлол»-и Душанбе ҳамроҳ шуд. Шукуров пеш аз гузаштан ба «Истиқлол» дар ҳайати дастаи «Қизилқум»-и Ӯзбекистон бозӣ мекард. Ин футболбоз дар ҳайати дастаҳои «Кӯктош» (Рӯдакӣ) ва «Хуҷанд» (Хуҷанд) низ буд.

***

Футболбозони тоҷик Ваҳдат Ҳанонов ва Амадонӣ Камолов, ки дар Чемпионати Эрон бозӣ мекарданд, маъмули футболбозӣ озодро гирифтанд. Ҳанонов пас аз ба охир расидани шартномаи панҷсолааш расман сафи дастаи «Сипоҳон»-ро тарк кард. Камолов бо дастаи «Гул Гуҳар» бо розигии тарафайн шартномаи ҳамкориро қатъ кардаанд. Далели қатъи ҳамкории осеби ҷиддии футболбоз будааст.




### СУЛТОНИ КАБИР

Хунарпешагони маҳбуб Лутфулло Давлат, Ортиқи Қодир ва Қурбони Собир вақтҳои холӣ аз кор дар як гӯшаи ошхонаи назарногире суҳбатҳо мекарданд. Дар чунин як рӯзе, вақте Лутфулло Давлат барои ҳисобӣ кардан назди пешхидмат омаданӣ мешавад, масти лоякиле, ки доимо аз ин хунарпеша меҳрубониҳо медид, ӯро шинохтаву аз ҷой бархоста, мегӯяд:

- Э ассалому алайкум, акаи Давлатулло!

Акаи Лутфулло пас аз салом, мисли пештара боз ба дасташ чанд сомоние дода, меҳоҳад аз ӯ халос шавад. Аммо он масти аласт дасташро раҳо накарда, мегӯяд:

- Ака, ху ҳамон актёре, ки пушташ тарафи худмонай, чӣ ном дорад? Як рафта салом кунам, ин бароям шарафи бузург аст, бехад актёри зӯрай-да...

- Ҳа, Қурбони Собир ном дорад...

Ҷавон калавидаву бор гирифта, як илоҷ карда, назди мизе, ки Қурбони Собир нишастааст, мерасад, таъзимкунон ва ду даст пеши бар мегӯяд:

- Э ассалому алейкум, акаи Султони Кабир.

**Ҷумъахон САЙИДАЛӢ**

### КИРОИ ГАП НАМЕКУНАНД

*Зи худ равандаҳоятон кирои гап намекунанд,*
*Бинои хандаҳоятон кирои гап намекунанд.*
*Маро газад нигоҳатон, сагони рӯйи роҳатон,*
*Вале газандаҳоятон кирои гап намекунанд.*
*Ба ҷомаи дурӯғи худ лағанда мезанед, лек*
*Чунин лағандаҳоятон кирои гап намекунанд.*
*Зи лой атола мепазанд пазандаҳои ҷустатон,*
*Ҳамин пазандаҳоятон кирои гап намекунанд.*
*Чу шуллук аст нафсатон, ки хуни халқ мемакад,*
*Чунин макандаҳоятон кирои гап намекунанд.*
*Ба кӯча тор метанад ду дидаи алоятон,*
*Ҳамин танандаҳоятон кирои гап намекунанд.*

**Равшани ҲАМРОҲ**

*Як латифа*

### ЗАНИ БЕЗЕБ

Ду мӯйсафед дар хараки таги бед бо ҳам дарди дил мекунанд. Якеаш мегӯяд:

-Занам ҳар рӯз аз ман талаби ҳамхобагӣ мекунад, ман бошам, пир шудаам, дигар мадор надорам, намедонам чӣ кор кунам. Ҳатто худам барояш шавҳар кофтам, вале касе дар деҳа ӯро ба занӣ гирифтан намехоҳад.

Мӯйсафеди дигарӣ мегӯяд:

-Ман ба ту чанд сол пеш гуфта будам, ки зани безеб нагир, вагарна якумр дарди сарат мешавад.

### ТАҲДИД

Шавҳар ба занаш гуфт:

- 100 ҳазор сӯм деҳ...

- Не, диҳам, боз менӯшӣ!,- гуфт зан ва пул надод.

Шаб зан аз кор омада дид, ки ғозҳо нестанд.

- Эй, мардак, ғозҳо канӣ?

- Ғозҳо ба Ҷануб парида рафтанд. Агар ин дафъа ҳам пул надиҳӣ, гӯсфандҳо ҳам ба кӯҳ баромада мераванд.

### ТАВАЛЛУД

Марди қафқозӣ ба писарчаи навтаваллудшудааш, ки мӯйҳои сиёҳу ҷингила дошт, нигариста, ба занаш мегӯяд:

- Гӯш кун, занак, ман нафаҳмидам, ту инро таваллуд кардӣ ё бофтӣ?

### СУРОҒА

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Ту дар куҷо будӣ?

- Дар хонаи ҳамкурсонам,- посух медиҳад мард.

- Се рӯз?,- мепурсад зан.

- Ҳа, мо ба хотир овардем,- мегӯяд мард.

- Чиро ба хотир овардед?,- ҳайрон мешавад зан.

- Суроғаи хонаамонро!,- мегӯяд мард.

### ДАНДОН

Зане ба назди дандонпизишк меравад:

- Духтурҷон, ман аз дандонканӣ чунон метарсам, ки ... тайёрам таваллуд кунаму дандон наканам.

Духтур мегӯяд:

- Зудтар ба як қарор оед, таваллуд мекунед ё дандонатонро канам?

### АРЗИ СИПОС

Дандонпизишк дандонро канда, ба бемор нишон медиҳад:

- Ана, бародар, дандони шумо!

Бемор:

- Ана, духтур, дастаи курсии шумо!

### ҚАРТАБОЗӢ

Яке аз мизоҷони доимии тарабхона ҳамеша ба пешхизмат чойпулии бисёр медод. Як бегоҳ боз ба ҳамин тарабхона меояд, вале ба наздаш пешхизмати доимиаш не, балки пешхизмати дигар меояд.

Мизоҷ:

- Пешхизмати ман канӣ?

Пешхизмат:

- Ӯ шуморо ба ман дар қартабозӣ бой дод.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

